**СУЛТОНМУРОДИ ОДИНА, ИСМОИЛ ЗАРИФӢ,
ДИЛОВАРИ МИРЗО, РАВШАНИ ҲАМРОҲ,
ИБРОҲИМИ НАҚҚОШ, ЗАРАФШОНИ
ХУРОСОН, НУРИНИСО АКРАМОВА**

# АЗ ҲАФТ ДАФТАР

**ДУШАНБЕ
2019**

**ББК 84 тоҷик 7-5**
**Б -**

**Мураттиб Иброҳими Наққош.**
**Муҳаррир Равшани Ҳамроҳ**

**Султонмуроди Одина, Исмоил Зарифӣ, Диловари Мирзо, Равшани Ҳамроҳ, Иброҳими Наққош, Зарафшони Хуросон, Нуринисо Акрамова.** Аз ҳафт дафтар. – Душанбе: 2019. –72 саҳ.

*Дар ин маҷмӯа гулчини ашъори ҳафт тан шоири муосири тоҷик фароҳам омадааст, ки эшон дар зовияҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва берун аз марзи он зиндагиву эҷод мекунанд, ки ҳар яке бо табъу салиқаи худ аз ҳамдигар фарқ доранд. Мутмаинем, ки ин гулчин мавриди пазироии гарми хонандагони соҳибзавқ қарор хоҳад гирифт.*

**© Иброҳими Наққош, 2019**

# ПЕШГУФТОР

***Ҳарфи доно эътибори хешро гум кардааст,***
***Дар дукони ҳастӣ ҷуз колои нодонӣ намонд.***

Бо ин байти гилаомез, аммо воқеъбинонаи устод Исмоил Зарифӣ оғоз намудани сухан беҳуда нест. Зеро имрӯз қадри шеъру сухан хеле коҳиш ёфтааст ва хазафпораҳо ҷойи дурру гавҳарро танг кардаанд. Бавижа, дар саҳифаҳои матбуоти даврию сомонаҳои интернетӣ суханҳои бемантиқу берабту низом ва беарзишро чун шеър муаррифӣ мекунанд. Зиёда аз ин, аз тариқи нашриёти хурду бузург ашъори обшуставу сабукмоя ва бетаҳрир ба нашр мерасанд ва завқи бе ин ҳам коҳидаи мардуми моро боз ҳам коҳиш медиҳанд. Ҳамин аст, ки мардуми шоиртабъи тоҷик ҳоло ба шеър чандон дилбастагӣ надоранд.

Вазифаи мубаллиғони адабиёт ва ноширон он аст, ки минбаъд ба чунин ҳодисаҳои номатлуб роҳ надиҳанд. Вақти он расидааст, ки сухани хуб ва тару тоза тарғиб карда шавад. Мутаассифона, анъанаҳои пешина, аз қабили мулоқоту вохӯриҳо бо адибон қариб ки аз байн рафтааст. Китобҳои шоирони хуби мо бо теъдоди ниҳоят кам ба нашр мерасанд ва аз ин сабаб муаллифон онҳоро ба ёру дӯстонашон туҳфа мекунанд. Оммаи васеи хонандагон аз мутолиаи чунин асарҳо бенасиб мемонанд.

Домулло Иброҳими Наққош аз беҳтарин мубаллиғони адабиёт аст ва дар ин ҷода хидматҳои пайгирона ва хайрхоҳона мекунад. Ӯ чандин баёзҳоро аз эҷодиёти шоирони классик ва муосир таҳия намуда ба нашр расонидааст. Азбаски аксарияти шоирони дар музофот зиндагидошта аз эҷодиёти ҳамдигар чандон воқиф нестанд, Наққош аз ашъори онҳо маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ мураттаб намуда, даричаи ошноиро ба рӯи якдигарашон боз намудааст. Маҷмӯаҳои «Гулчини ғазал», «Гулшани ғазал», «Армуғони ғазал» , «25 гуфтор» ва «Наврӯзи Зарафшон» бо саъю эҳтимоми ин

марди заҳматпеша дар тӯли солҳои 2010 - 2017 таҳия ва нашр шуда манзури хонандагони манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ шудаанд. Дар маҷмӯаи дастаҷамъии «Суханварони Зарафшон» намунаҳои манзуму мансури адибони ду ҷумҳурии дӯст ва ҳамсоя – Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба нашр расидааст ва аз тарафи хонандагон хуш пазируфта шудааст.

Чанде пеш аз тарафи Афсари Сармад «Баёзи панҷгона» таҳия ва нашр шуд, ки дар он ашъори шоирони имрӯзи тоҷик Саидалӣ Саид, Иброҳими Наққош, Хайрандеш, Ибодуллоҳи Солеҳ ва Афсари Сармад ба чоп расидааст. Муаллифони ин маҷмӯа зодагон ва истиқоматкунандагони шаҳру ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурианд ва табиист, ки ба ин васила ашъорашон ба таври густурда тарғиб хоҳад шуд.

Тасмими ҷадиде, ки имрӯз Иброҳими Наққош пайгирӣ кардааст, аз ҳафт дафтари шеър гулчин намудани ашъори шоирони муосири тоҷик мебошад, ки онон низ намояндагони музофоти гуногун ва дорои касбу кори мухталифанд, ки ҳар яке бо шеваи гуфтор, табъу завқ, истеъдоду нигоҳи шоирона аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, Султонмуроди Одина майл ба гуфтани ашъори иҷтимоӣ дорад. Дар шеърҳояш оҳанги публитсистӣ бештар ба назар мерасад. Ӯ шоири вуқӯъбаён аст. Дар ашъори Исмоил Зарифӣ ҷанбаҳои лирикиву сӯфиёна бо ҳам тазвиҷ шудаанд, ки имтиёзи шеъраш пеш аз ҳама, дар ҳамин аст. Иброҳими Наққош ба сабки ҳиндӣ мароқ зоҳир мекунад ва тозакориҳояш дар ин ҷода назаррасанд. Дар ашъори Диловар Мирзо як навъ содабаёнӣ ва халқияти гуфтор ба мушоҳида мерасад. Нуринисо дар эҷоди шеър асосан тамоюли суннатгароӣ дорад. Зарафшони Хуросон дар ашъораш мавзуъҳои ватанпарварӣ ва ошиқонаро инъикос намудааст. Албатта, дар ин пешгуфтори мухтасар ҳадафи мо таҳқиқи ашъори ин шоирон нест, қазоват ба зиммаи хонандагони нуктасанҷ вогузор карда мешавад. Ба қавли Шайх Саъдӣ «Мушк он аст, ки худ бибӯяд, на ин ки аттор бигӯяд».

**Равшани Ҳамроҳ,** *7 октябри соли 2019.*

## СУЛТОНМУРОДИ ОДИНА



*Султонмуроди Одина 3-ноябри соли 1950 дар деҳаи Кӯҳони шаҳри Ҳисор ба дунё омадааст. Таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, дар парваришгоҳҳои ноҳияҳои Шаҳринав, Ленин (ҳоло Рӯдакӣ), мактабҳои рақами 56 (имрӯза 21) ва 12- и ноҳияи Ҳисор соҳиби маълумоти миёна шудааст. Аз соли 1972 муаллим, муовини директори мактаб , директори мактаб ва аз соли 1980 дар вазифаҳои гуногуни хизмати давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия кор кардааст. Ҳамчунин солҳои 1990–1992 ва солҳои 1993–1994 ба ҳайъати комиссияи таҳияи Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шуда, солҳои 1994–2000 узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудааст. Ӯ сенздаҳ даъват вакили Маҷлиси вакилони халқ интихоб шудааст. Таъсисдиҳандаи маҷаллаи “Маорифи Ҳисор”, роҳбари гурӯҳи кории таҳияи “Донишномаи Ҳисор” буд. Аз соли 2012 сармуҳаррири маҷаллаи “Ҳисори зарнисор”мебошад.*

*Ба кори эҷодӣ аз ҷавонӣ шугл дошта, аввалин ҳикояҳояш соли 1964 дар маҷаллаи “Пионер” чоп шудаанд. Минбаъд навиштаҳояш дар матбуот, дар китобҳои дастҷамъӣ ва алоҳида ба табъ расидаанд.*

*Қисса, шеър, ҳикоя, асарҳои саҳнавӣ, публитсистӣ, ҳуқуқӣ ва таълимию тарбиявӣ эҷод карда, 66 китобаш ба табъ расидаанд.*

*Асарҳояш бо забони ӯзбекӣ ва русӣ тарҷума шудаанд.*

*Ӯ дар матбуоти даврии кишвар ва берун аз он беш аз 200 мақола ба табъ расонида, мураттиби беш аз 19 китоб аст ва ба беш аз сад китоб муҳаррирӣ кардааст.*

*Унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистонро дорад.*

*Аз соли 2001 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва конфедератсияи байналмилалии рӯзноманигорон мебошад.*

*Барандаи ҷоизаҳои адабӣ ва рӯзноманигории ба номи Ҳабибулло Назаров ва Муродуллоҳ Шерализода буда, бо нишонҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон "Сухан", аълочии маориф, фарҳанг ва матбуоти Тоҷикистон, ифтихорномаҳои давлатӣ, нишони биринҷии Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи СССР қадр карда шудааст.*

## ДУО

Тоҷиконро сар ба сар овард ӯ,
Муттаҳид ақвоми моро кард ӯ,
Навниҳоли сулҳро парвард ӯ,
Мулкро ободу зебо кард ӯ.
Аз ту хоҳам, эй Худои меҳрубон,
Ҳомии моро ту бошӣ пуштибон.

Ӯ ватандору ватанпарвар бувад,
Дӯстдори миллату кишвар бувад,
Марди бофарҳангу донишвар бувад,
Аз ҳар он чӣ гуфтамаш, беҳтар бувад.
Беш аз пеш, эй Худои раҳнамой,
Обрӯйи раҳбари моро физой!

Ӯ дили озурдагонро шод кард,
Меҳани вайронаро обод кард,
Роҳу расми тозае эҷод кард,

Қавми раҳгумкардаро иршод кард.
Эй Худои кордону корсоз,
Сарвари моро бидеҳ умри дароз!

Пуштибони миллати мо ӯ бувад,
Шаҳсутуни давлати мо ӯ бувад,
Ифтихору шуҳрати мо ӯ бувад,
Иқтидору қудрати мо ӯ бувад.
Сарвари моро, Худоё, ёр бош,
Дӯстдору ёвару ғамхор бош!

## ЧАРХИ РОҒУН

***Ба муносибати ба кор сар кардани***
***чархаи аввали НБО Рогун***

Чархи Роғун, чархи нуру чархи нусрат чарх зад,
Аз диёри Тоҷикистон чархи қудрат чарх зад.
Аз дили кӯҳ, аз замири об мавҷи барқ хест,
Чархи бахти миллати бунёдваҳдат чарх зад.

Чархи гардун гашт қоил бар шукӯҳи чархи он,
Чунки набвад ҳамчу саддаш садди дигар дар замон.
Пешвои миллатам бо азму ҷаҳди беқиёс
Кард собит қудрати халқи азизаш дар ҷаҳон.

Ришта-ришта нур кишта меравад рӯйи ҷаҳон,
Файзи пиндори накӯву нури бахти тоҷикон.
Аз азал чун халқи тоҷик буд халқи нурбахш,
Мекунад пайваст нураш қалбҳоро ҷовидон.

Чарх зан, эй чархи Роғун, чархи ғайрат, чарх зан!
Чархи истиқлоли кишвар, чархи ваҳдат чарх зан!
Баҳри халқи тоҷдорат роҳи нав-навро кушо,
То абад бо нури покат амну роҳат чарх зан!

## АЗ ХУД НАМОН

Эй ҳамватан, худро шинос, аз худ марав, аз худ намон,
Уммед аз ҳар кас макаш, ҳар сӯ мадав, аз худ намон.
Бар турку бар аъробию бар русу чину ҳинду форс,
Ҳамкорию паймон намо, ҳамдаст шав, аз худ намон.
Н-ояд ба мулкат бетамаъ як мӯр ҳам аз мулки ғайр,
Каш пунбаи ғафлат зи гӯш, инро шунав, аз худ намон.
Гар ғайр бошад раҳбарат, гумроҳ хоҳӣ шуд яқин,
Доим ба роҳи худ бирав, эй роҳрав, аз худ намон.
Дар кишвари Хуршедият, дар мазраи аҷдодият,
Бо дасти худ, бо доси худ бинмо дарав, аз худ намон.
Тафсон танӯри хешро танҳо барои нони худ,
Медон, ки нони гандумат хонанд ҷав, аз худ намон.
Донам, ки мардумпарварӣ, бегонагонро парварӣ,
Як бор кун парвои худ, бо худ бишав, аз худ намон.

## НАВРӮЗИ ТОҶИКИСТОН

Раъд ғуррон, абр гирён, лола хандон, сабза рақсон,
Килки тундар нақш бофад дар танӯри Осмон.
Кӯҳу саҳро, боғу майдон бо таҳорат густарида
Ҷонамози ишқи наврӯзӣ ба пеши пойи ёрон.
Дашт атлас карда дар бар, ҳамлибоси ёри дилбар,
Мурғакон аз шохсорон гулчинон шоду ғазалхон.
Ҳафтшину ҳафтсину ҳафтмими файзбор,
Рамзи бахту тахти хони миллати озодагон.
Хони наврӯзист имрӯз аз Бадахшон то Зарафшон,
Гулнавоӣ мекунад Рашту Ҳисору Суғду Хатлон.
Саҷдагоҳи меҳри дилҳо, каъбаи уммеди ҷонҳо,
Қиблаи меҳру садоқат гашта хоки Тоҷикистон!
Дастагул аз боғи наврӯз ин замон дастобадаст
Баҳри файзу ваҳдати ҷовид дар рӯйи ҷаҳон.
Менавозад, месарояд, сарфарозон то ба афлок,
Бо дили аз меҳр саршор ошиқи ин мулк-Султон.

## ОФАРАНДА

Ту модарию хоҳарӣ, ту ҳамсарию дилбарӣ,
Ту меҳрубон, ту эркаю ҷаҳони роз-духтарӣ.
Туро Худо барои офаридан офаридааст,
Аминию амонӣ ту, Худойро паямбарӣ.
Шиносномаи фалак ба номи ту зада рақам,
Бар ин самою ин самак ту ганҷи бахтоварӣ.
Ту ибтидои зиндагӣ, ту интиҳои оҳи ҷон,
Ҷаҳони бекаронаро ба дӯши хеш мебарӣ.
Танӯри хонадонӣ ту, сахою файзи хонӣ ту,
Ҳаёти ҷовидонаро ту раҳнамою раҳбарӣ.
Ту шодии ҳаётию ғами ҷаҳон ба дӯши туст,
Муборакӣ, муқаддасӣ, ба Офтоб ҳамбарӣ.
Ба вазни исми поки ту куҷо сухан ба ҷуз аз ин-
Ту модарӣ, ту модарӣ, ту модарӣ, ту модарӣ!

## ДАР ЗИЁРАТИ ДЕҲАИ СОРБОҒ

*Ба ёди Боқӣ Раҳимзода*

Қариби синну соли ӯ расида
Насибам гашт сайри Сорбоғаш.
Ба боми хонаи деҳот номаш,
Ҳамегуфто: “Аз ин ҷо ҷӯ суроғаш”.

Ба ёд омад, ки ӯ бишнида шеърам
Бигуфто: “Бештар бинвису омӯз.
Сухан майдони пуршебу фароз аст,
Биёбӣ ганҷ, агар ҷӯйӣ шабу рӯз”.

Калон метофт чашмаш пушти айнак
Ба мисли Офтоби нурбахшо.
Сухан мегуфт канда бо ҳарорат
Зи шеъру шоирии пурмуаммо.....

...Кунун дар Сорбоғаш сайр дорам,
Биҷуста сори зарринболи хушхон.

Надидам шораке,рафта магар он
Зи пушти шоири шӯхиғазалхон.

Бидидам лек шиғи ҳотаҳоро
Аҷаб гулбофу дар оғӯши гулҳо.
Кушода сина бар ҳамдеҳаи худ-
Ба сӯйи шеъри садранги мубарро.

Зи Боқӣ-шоири шогирдпарвар
Намонда гар дар ин ҷо боғу роғе,
Вале дар синаи ҳар пайрави ӯ
Фурӯзон монда нурафшон чароғе.

Варо осорхона нест ин ҷо,
Нишона нест ҳатто ҷойи хона,
Вале ҳар фарди деҳи Сорбоғаш
Сарояд номи ӯро чун тарона.

## РАҚСИ МУЪМИН ҚАНОАТ

Рақси Муъмини Қаноатро кӣ дидаст?
Накҳати онро ба дидан кӣ шамидаст?

Китфҷунбон, панҷаҳои даст печон
Чун уқобон
Сар ба боло, рӯ ба қулла,
Қуллаҳои то фалакҳо печ-печи кӯҳсорон.
Рӯйи панҷа, ҳамчу турна
Сарфарозон, мисли мавҷи чашмасорон
Нарм-нармак, боҳарорат,
Ҳамчу боди файзбори Тоҷикистон,
Зина-зина мисли шеъри лутфбори зинабоғаш
Рақс мекард.
Ҳамраҳи ӯ шеъри нобаш
Шеъри нобӣ обдораш
Ҳарфҳои ҷовидони обшораш болафшон.

Дар бари он қалбҳои ошиқони шеъри нобаш
Бар ҳавои рақси шоир ҷӯр мешуд...
Кулли майдон рақс мешуд,
То ба кайҳон рақс мешуд.
Бар дару бар паҳн мешуд, базм мешуд,
Бас аҷибу зӯр мешуд...

## ХУШ ОМАД

Баҳори гулчабин омад, хуш омад,
Нигори нозанин омад, хуш омад.
Фурӯғи Осмони пурситора
Гулафшон бар Замин омад, хуш омад.
Бирақсад ору гирди дафтари гул,
Замони ангубин омад, хуш омад.
Ҷаҳони хурду реза, пиру барно
Ба сози “Офарин!” омад, хуш омад.
Сада афрӯхт гулхан, з-он ба ин дам,
Шарори оташин омад, хуш омад.
Ба дунёи бирафта аз сари даст,
Сулаймон бо нигин омад, хуш омад.
Дили Султон шукуфт аз хандаи гул,
Ба булбул ҳамнишин омад, хуш омад.

## КОШКӢ

Кошкӣ такрор мешуд лаҳзае з-он лаҳзаҳо,
Лаҳзаҳое, ки дили мо месуруд бо як наво.
Кош шаҳди васли дидораш насиби ман шуда
Пеши пояш бори дигар менамудам ҷон фидо.
Моҳ буд оё, ки пушти абр пинҳон гашту рафт,
Ку насиме, ки ҷамолаш созад аз зиндон раҳо?!
Хун бикард ӯ қалби моро бо хумораш умрбод,
Дил занад бар синаам по:-Гир аз ӯ хунбаҳо.
Боз як бори дигар он лаҳза дастам мегирифт,
Мешудам аз дарду ғам як лаҳзаи дигар раҳо.

Дар кучоӣ? Дар чӣ ҳолӣ? Рафт аз ёдат магар
Он латофатбахши лаҳза, он насими дилрабо?
То ки чон чон меканад андар танам, Султон, бидон
Аз китоби ёд хонам лаззати он лаҳзаҳо.

## ГУЛИ ЁД

Ҷойи он мизе, ки Лоиқ бори охир пушти он
Базморо буду бар ман ифтихору обрӯ,
Ман шинондам буттаи садбарг, то ки ҳар баҳор
Бишкуфад хушбӯй мисли атрҳои шеъри ӯ.

Тирамоҳон он гули биншондаам гардад хазон,
Лек ёду шеъри Лоиқ бишкуфад дар мағзи чон.

## БОДОМЧАШМ

Бодом ғарқи гул шуд, бодомчашми ман ку?
Бо меҳри навбаҳорон гул интизори гулрӯ.
Бо ашк абри найсон шустаст раҳрави чон,
Майса ба рӯйи роҳаш шона зада ба гесӯ.
Мурғони рафта гаштанд аз мулкҳои гармӣ,
Ӯ дилхунук шуд оё, аз гармиҳои ин сӯ?
Дар пеш иди Наврӯз, айёми неки фирӯз,
Ман интизори роҳат, моҳат намой маҳрӯ.
Дунё дар интизорат, Наврӯз чашмчорат,
Дар оташ аст дилҳо монанди тораи мӯ.
Бархезу ою сӯзон сардии лашкари ғам,
Гул ҳамнафас бигардон бо дилрабои дилчӯ.
Султони олами дард уммедвори дидор,
Ёдаш бикун ба ханда, як ҳарфаке ба ӯ гӯ.

## ПОРАГИР

Мешавад кишвар хароб аз нафси ғори порагир,
Оқибат вайрона мегардад диёри порагир.

Бин, ки ҳар кӣ мансабе бар даст орад ин замон,
Ҷамъ гардад гирди ӯ сад далла, ёри порагир.
«Ҳаққи хизмат», «гир аз мо як хабар», «ёрӣ расон»,
Боз садҳо нағмаҳо гашта шиори порагир.
Шарм не, инсоф не, имону дин гашта табоҳ,
Саҷдаи нафси бало гардида кори порагир.
Мардуми бечора аз баҳри илоҷи кори хеш
Даст пешу гардани каҷ, хору зори порагир.
Хоҳише гар мекунӣ коре аз ӯ баҳри савоб,
Мешавад равшан аз он чашми хумори порагир.
Ончунон нафси бало дар хуни ӯ ҷо гаштааст,
Мешавад кишвар хароб аз заҳри мори порагир.
Эй Таҳамтан, Сарвари оқил, бикун ҳарфат баланд,
То шавад нобуду гум хоки мазори порагир.

## МЕҲРИ МОДАР

Сабзаҳои рӯйи қабри модарам
Бӯйи шири ҷоннавозаш мекунад.
Лолаи хуниндили болои қабр
Қисса аз дунёи доғаш мекунад.

Монда рафт ӯ ҳайкали беҳайкалаш
Ёдгорӣ рӯйи хоки қабри худ.
Меҳри поку орзую бахтро,
Ҳам ғаму ранҷу азобу сабри худ.

## ДОШТАМ

Як замоне рӯйи мансаб давру даврон доштам,
Аспи қудрат зери пову бахти хандон доштам.
Чун хаси болои оби ботлоқи зиндагӣ
Гӯиё ман обрӯе назди ёрон доштам.
Дӯстонам бешумору мухлисонам беҳисоб,
Бо муҳаббат бо ҳама ман аҳду паймон доштам.
Баҳри хизмат интизорам буд чандин мошине,

Меҳмони рӯйи хони коху айвон доштам....
Интизорам буд ҳар ҷо бӯстони пур зи гул,
Неъмати дунёи гардун гирди домон доштам.
Дар вафою аҳду паймон, дар ватандории хеш
Бо талоши беадад дар роҳи имон доштам.
Фахри ман ин хок буду ҷумла фарзандони он,
Беҳ зи ҷонам мулки зебо- Тоҷикистон доштам.
Дарди миллат дарди ман буду ҷаҳони дарди он
Бо таҳаммул он балоро зери дандон доштам.
Рафт айёми шабобу гирудори зиндагӣ,
Ваҳ, чӣ хуш, дунёи худро дар гулистон доштам.
Мансабам одамгарӣ буду дар ин роҳи васеъ
Олами сармояе то авҷи кайҳон доштам.
Шукр, аз ин рӯ ба пирӣ эътиборам гум нашуд,
Чунки бо инсонгарӣ ман аҳду паймон доштам.

## СОЛИ ҲАФТОД

Соли бистум соли ҳафтоди ман аст,
Хишти нав дар қасри бунёди ман аст.
Хӯри хирман дона-дона карда ҷамъ
Меҳргони дафтари ёди ман аст.
Ҳамчу ойина маро пеши назар
Акси даври шоду ношоди ман аст.
Боғаки ман дар сари роҳи дароз
Гулфишон аз умри ободи ман аст.
Ҳарфҳоям гаҳ сара, гаҳ носара
Созу сӯзи яккафарёди ман аст.
Теғҳои бар ҷигар афкандааш,
Хотира аз рӯзи барбоди ман аст.
Тӯли ин даврони пуршебу фароз
Коғазу хат тири сайёди ман аст.
Дӯстӣ, одамгарӣ, меҳру вафо,
Дар раҳи ман хатти иршоди ман аст.
Зиндагӣ бо он ҳама неку бадаш
Тӯли роҳам яккаустоди ман аст.

Соли ҳафтодам расиду дар раҳаш
Ифтихорам мулки озоди ман аст.
Тоҷикистон бо ҳама мову манаш,
Файзбахши роҳи эҷоди ман аст.
Дил бихоҳад боз ҷавлони дигар,
Ҳақтаоло нури имдоди ман аст.

## Даҳ ғазал

Гарчи яктои замину қутби давронем мо,
Дӯстон, дар ин ҷаҳон дурӯза меҳмонем мо.
Бо ҳама шӯру ғуруру нозу истиғнои худ
Қадри ин меҳмонии худро намедонем мо.
Дар талоши зиндагӣ сад фитна барпо кардаем,
Боз аз фанду фиреби умр ҳайронем мо.
Мурдан аз рӯзи азал бар зиндагон меросӣ аст,
Лек умре дар талоши кандани ҷонем мо.
Хештанро меҳвари олам шуморем аз ғурур,
Гарчи як зарра зи гарди хоки кайҳонем мо.
Қадри ҳам донем, ҷоно, то азизи ҳам шавем,
Гар гадову бенавову шоҳу Султонем мо.

* * *

Гувоҳанд ин ҳама ёрон, ҳама аҳли диёр имшаб,
Ки бошад булбули шӯрида бо гул ҳамканор имшаб.
Чу лола бишкуфад рухсораи шарми арӯс аз ишқ,
Дили домод ларзад назди чашмони хумор имшаб.
Агарчи волидайн аз гирудори тӯй осуданд,
Вале бошанд фарзандони онҳо беқарор имшаб.
Суруди «шаҳ муборак, ал-муборак» дар само печад,
Ба ёрон медиҳад ёрӣ суруди ёр-ёр имшаб.
Қадамҳоят муборак, то ки бошад, эй арӯси ҷон,
Дуо гӯям, ки орад ин қадам сад лутф бор имшаб.
Ҳама нуқлу шаробу савту сози базми ҷамшедӣ,
Барои дӯстони меҳрубон гардад нисор имшаб.

Дуои мо, умеди мо ҳамин бошад дар ин маҳфил,
Ки гарданд ин ду тан зебоҷавонон комгор имшаб.

* * *

Ранги барфи коғаз андар мӯи мо маъво гирифт,
Сатри мӯи сип-сияҳ дар рӯи коғаз ҷо гирифт.
Лек дар давре, ки боғи умри мо пурмева шуд,
Кӯчаи моро садои чаккишу ғавғо гирифт.
Килки моро тешаи мансабталошон кард кунд,
Меҳри мансаб қадр ёфт-аз қадри мо боло гирифт.
Он касе, ки роҳ омӯхт аз паи пайроҳи мо,
Раҳзане гардиду номардона роҳи мо гирифт.
ӯ забони покро бинмуда бо лафзаш ҳаром,
Ҳамчу хапгирак саге моро зи банди по гирифт.
Ончунон фанду фиребу макр аз ӯ арзон бишуд,
Нағмаҳою ҳуққабозияш дари дилҳо гирифт.
Даст шуст аз ҳалқаи он носипосон қалби мо,
Ҳамраҳи Султони раҳгум домани саҳро гирифт.

* * *

Одамиро шод кардан он қадар душвор нест,
Ғайри як ҳарфи накӯ чизе ба ӯ даркор нест.
Ранҷ додан бар дили ӯ саҳлу осон аст, дон:
Як нигоҳи каҷ кифоя, ҳоҷати гуфтор нест.
Беҳтарин эъҷози Ҳақ дар рӯи олам одам аст,
Боназокаттар гуле чун ӯ дар ин гулзор нест.
- Ҷисмаш аз сангу дилаш нозуктар аз гул, - гуфтаанд,
Ҳаббазо! Чун ӯ матоъе андар ин бозор нест.
Мӯъҷизоти ҳафт кишвар ранҷи дасти ӯ бувад,
Боз чун одам дар олам шахси вайронкор нест.
Ҷонфидою ҷоннисор ӯ, бевафо, бадаҳд ӯст,
Меҳрубону бовафо, гоҳо чу ӯ маккор нест.
Мешавад некӣ фаромӯшаш чу паҳлӯе занад,
Он ки ҳарфи бад фаромӯшаш шавад, бисёр нест.
Бо ҳама неку бадаш инсон ҷаҳонро меҳвар аст,
Ҷуз ҷаҳони ӯ ҷаҳони пурғаму ғамхор нест.

Одамӣ, Султони мо ҳам ташнаи ҳарфи хуш аст,
Меравад бо качраҳи худ, дар бараш гар ёр нест.

*  *  *

Устод агар набошад, ақле ба сар набошад,
Дар боғи зиндагонӣ гарди самар набошад.
Бе раҳнамою раҳбар дар ин ҷаҳони бесар,
Пои равон набошад, нури басар набошад.
Ҳамчун каломи нобаш дар махзани ҳаётат,
Беминнату вафодор як ҳамсафар набошад.
Устод агар набошад паҳлӯи чархи даврон,
Дар сина рӯшании шамсу қамар набошад.
Ҳар кӣ накард ҳурмат устоди раҳнаморо,
Аз ақлу дину имон ӯро хабар набошад.
Султон, бидон, ки олам аз файзи ӯст рӯшан,
Беш аст аз падар ӯ, гарчи падар набошад.[1]

*  *  *

Аз пеши барат чоки гиребон гила дорад,
Аз лаъли лабат лолаи хандон гила дорад.
Раҳ бӯса занад мижаи мо аз пайи поят,
Аз гаштани ту кабки хиромон гила дорад.
Бо дидани ту шӯр ба дарёи дил афтод,
Аз ҳасрати он ин дили гирён гила дорад.
Беманзилам аз чашми сияҳмасти ту умре,
Бар ҳоли дилам хори биёбон гила дорад.
Шуд зеру забар даври фалак аз хати нозат,
Аз наргиси ту дидаи ҳайрон гила дорад.
Ман худ киам охир, ки аз ин нозу адоят,
Ҳам бою гадо, ҳам шаҳу Султон гила дорад.

*  *  *

Туро мо бевафо гуфтему рафтем,
Ту шӯхи пурҷафо, гуфтему рафтем.
Чу чашмат дар бало афканд моро,
Ду чашмонат бало гуфтему рафтем.

---

[1] **Мазмун аз Саъдӣ: «Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар».**

Лабонат ҷони ман овард бар лаб,
Давои дарди мо гуфтему рафтем.
Қади сарват ба мо чун соя афканд,
Ин аз боғи шумо, гуфтему рафтем.
Ҳавои васли ту дар қалби мо буд,
Чӣ форам ин ҳаво, гуфтему рафтем.
Ҳунар Султон, накардӣ дар раҳи ишқ,
Паноҳат бар Худо, гуфтему рафтем.

* * *

Шаб ба поён мерасад, эй ёр, бошӣ дар амон,
Субҳи содиқ медамад, дилдор, бошӣ дар амон.
Гарчи имшаб сер не дил аз нигоҳи масти ту,
Боз бо ҳам мерасад дидор, бошӣ дар амон.
Гулписарҳо шаҳ шаванду духтаронат гуларӯс,
Гул кунад ин хона чун гулзор, бошӣ дар амон.
Бо тараб, бо лафзи ширин базмро тафсонда хуш,
Соқии хушчеҳра, хушгуфтор, бошӣ дар амон.
Моҳ рақсад ҳамраҳи раққосаи нозукадо,
Маҳваши бемисли хушрафтор, бошӣ дар амон.
Тӯй бар болои тӯй ояд бароят армуғон,
Доимо, эй ёри хушгуфтор, бошӣ дар амон.

* * *

Рӯзе ки рафтам аз барат, он гаҳ ба қадрам мерасӣ,
Берун шудам чун аз дарат, он гаҳ ба қадрам мерасӣ.
Бо дигарон ҳамсоғарӣ в-аз ёри худ бигсастаӣ,
Бишкаст ҳар гаҳ соғарат, он гаҳ ба қадрам мерасӣ.
Дар даргаҳи ту чокарам, чун чокарак чак мезанам,
Вақте ки гум шуд чокарат, он гаҳ ба қадрам мерасӣ.
Болор кардам аз хасе, кас сохтам аз нокасе,
Гум кардӣ ин карру фарат, он гаҳ ба қадрам мерасӣ.
Бо карру фар, эй качкулаҳ, каҷҷак макун бар мо нигаҳ,
Афтад кулаҳ гар аз сарат, он гаҳ ба қадрам мерасӣ.
Мағрури боли худ шудӣ, ҳамчун уқоби тезчанг,
Чун бишканад болу парат, он гаҳ ба қадрам мерасӣ.

*   *   *

Ба хобам омадӣ, ҷоно, биё дар вақти бедорӣ,
Бидонам то ки дорам ман дар ин дунёи дун ёре.
Бубин гул рашки булбул чун қадаҳ саршор медорад,
Худоё, кош омӯзӣ аз ӯ дарси вафодорӣ.
Сар аз хоки дари ту ҳеҷ гоҳе барнамедорам,
Агарчандам, ки бинвозӣ в-агарчандам, ки озорӣ.
Чи кулфатҳо, ки омад бар сарам аз ишқи он дилбар,
Набинад ҳеҷ кас, ё Раб, ба олам инчунин хорӣ.
Ба ҳаққи он ҳама ранҷе, ки дид андар раҳи ишқат,
Ба Султони ҷаҳони ғам бикун лутф аз раҳи ёрӣ.

## ИСМОИЛ ЗАРИФӢ



*Исмоил Зарифӣ 16-уми майи соли 1955 дар деҳаи Косатароши шаҳри Панҷакенти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.*

*Соли 1972 мактаби миёнаро дар деҳаи Филмандар ва соли 1982 Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанберо бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.*

*Аз соли 1972 то имрӯз омӯзгор аст.*

*Хабару мақолаҳояш аз курсии мактабӣ ва шеърҳояш аз соли 1984 дар матбуоти давр ба табъ мерасанд.*

*Соҳиби 35 китоб аст. Ӯ соли 2016 барои китоби панҷҷилдаи «Лаҳзае то ҷовидон» барандаи ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ гардидааст.*

*Китобҳои охиринаш «Ғуруби зиндагӣ», «Лутфи Равшан» ва «Кош арӯсам шавӣ» солҳои 2017 ва 2018 ба табъ расидаанд.*

*Девонҳои Саққои Бухороӣ, Қудсии Машҳадӣ, Урфии Шерозӣ, Бӯалӣ Қаландар, Иброҳим Дада Шоҳидӣ, Муҳйии Хӯқандӣ ва ашъори шоирони зиёдеро аз хати форсӣ ба хати ҳозираи тоҷикӣ баргардон намуда, бо воситаҳои электронӣ пешкаши хонандагон гардондааст.*

*Аз соли 1999 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва аз соли 2003 узви Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон мебошад.*

*Чанд навбат вакили Маҷлиси вакилони шаҳри Панҷакент буд.*

*Бо нишонҳои «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» ва «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.*

## ҒАЗАЛҲО

Ман куштаи муҳаббатам, аз ман ҷудо машав!
Дар орзуи суҳбатам, аз ман ҷудо машав!
Дар боргоҳи ишқи ту, эй дилрабои ман,
Омода баҳри хидматам, аз ман ҷудо машав!
Дар чеҳраи биҳиштии ҳамчун баҳори ту,
Бошад ниҳон саодатам, аз ман ҷудо машав!
Бар остони ту сари худро гузоштам,
Бас ташнаи мурувватам, аз ман ҷудо машав!
Он қадр дилрабоию он қадр маҳвашӣ,
Ҳайрони он назокатам, аз ман ҷудо машав!
Ҷурму хатои хешро донам, аз ин сабаб
Дар ҳасрати шафоатам, аз ман ҷудо машав!
Магсал вафою аҳди худ, эй каъбаи мурод,
Қурбони рӯзи ваҳдатам, аз ман ҷудо машав!

* * *

Душманӣ аз қалби бадандеш пайдо мешавад,
Аз ҳузури гумраҳи бадкеш пайдо мешавад.
Ошноӣ соҳати маъни надорад дар ҷаҳон,
Бадманишӣ аз сарои хеш пайдо мешавад.

Оҳи дардолуди моро бишнаву андеша кун,
Оҳи ғам аз синаҳои реш пайдо мешавад.
Гушначашмонро набошад айб ин ҳирсу ҳаво,
Ин амал з-олудагии беш пайдо мешавад.
Гуфтугӯи ишқ дилро мебарад аз раҳ бурун,
Каҷраҳӣ аз мазҳабу аз кеш пайдо мешавад.
Соғари андешаро дар зиндагӣ аз каф манеҳ,
Дар миёни нӯш гоҳе неш пайдо мешавад.
Якраҳӣ касро зи по афтонад андар рӯзгор,
Ин амал аз саркашии меш пайдо мешавад.
Эй Зарифӣ, аз сурӯшам омад имшаб ин паём:
Ҳарфи ҳақ аз қалби ҳақандеш пайдо мешавад.

* * *

Ба гулшан шохаи гул ҳар баҳоре мешавад пайдо,
Ба пои сабзаву гул гоҳ хоре мешавад пайдо.
Хуш ояд булбулонро сӯзиши қалби ҳазини ман,
Зи барқи оҳи сӯзонам шароре мешавад пайдо.
Намонда ашк андар дидаам дар ҳасрати рӯят,
Зи ҳар як тори мӯям чашмасоре мешавад пайдо.
Дар ин майдони танҳоӣ ниҳон аз гӯшаи хиҷлат,
Ба қасди раҳзани дил шаҳсаворе мешавад пайдо.
Зи гарди домани ман ,ар кунад парҳез, боке нест,
Ки аз ҳар бурҷи ин саҳро ғуборе мешавад пайдо.
Зи тӯфони ҳаводис нест биме дар дили ошиқ,
Бирав, эй нохудо, охир каноре мешавад пайдо.
Магӯ, андар дили гулшан касе роҳат намепояд,
Дар ин водӣ яке уммедворе мешавад пайдо.
Зи доғи қалби хунинам чӣ мепурсӣ, гузар аз ман,
Ба ҳар ҷо з-ашки чашмам лолазоре мешавад пайдо.
Зарифӣ, аз забони Соибам ин ҳарф хуш омад:
«Навосанҷе чу ман дар рӯзгоре мешавад пайдо».

* * *

Рӯяд гули муҳаббати ту аз замини ман,
Сабт аст ҳарфи ишқ ба лавҳи нигини ман.
Нозат базебу чашми сиёҳи ту дилфиреб,
Дорам ҳавои чеҳраи ту, нозанини ман.

Эй офтоби қисматам, аз мо мапӯш рӯй ,
Дар чорсӯи умр туӣ беҳтарини ман.
Қалби шикастаам бувад пинҳон зи дидаат,
Дасти шикастаам бувад дар остини ман.
Аз мазҳабу зи кеши ман пурсиданат чӣ суд?
Дард аст мазҳаби ману ишқ аст дини ман.
Ғам мекушад марову ту ёдам намекунӣ,
Кас нест дар диёри ғам ҳаргиз қарини ман.
Арчанд шеъри ноб бувад сарбасар дурӯғ,
Аммо ту шеъри дилкашию ростини ман.
Поям намебарам ман аз паргори худ бурун,
Тарсам, ки қотилам бувад андар камини ман.
Дар раҳгузори ту сарам сад бор зад ба хок,
Гарди раҳат фитодааст андар ҷабини ман.
Аз ҳар раги вуҷуди ман ишқат чу хун гузашт,
Эй орзуи аввалину вопасини ман.

* * *

Аз абри дард қулзуми борон гиристаам,
Дар ёди хешу ҳасрати ёрон гиристаам.
Дар сояи гули ҳавас н-аншастаам даме,
Дар тирамаҳ ба ёди баҳорон гиристаам.
Ночида лола дар чамани хандазорҳо,
Дар рӯи барги ғунчаю торон гиристаам.
Тавсан нарондаам ба дари қасри ормон,
Аз по фитодаам, ба саворон гиристаам.
Аз хешу ошно бибуридам умеди худ,
Дар панҷаи ғам аз сияҳкорон гиристаам.
Ҷуз гиря ҳосиле набуд дар зиндагӣ маро,
Аз абри дард қулзуми борон гиристаам.

* * *

Дар суроғат дидагирён омадам, аз хоб хез!
Мустаманду зору ҳайрон омадам, аз хоб хез!
Мебарад ёди ту аз сар ҳар замон ҳуши маро,
Пеши дар хотирпарешон омадам, аз хоб хез!
Ҷони тоза мекунӣ эҳдо ба ҷисми мурдаам,
Дар талоши ламъаи ҷон омадам, аз хоб хез!

Эй табиби бемурувват, сӯи беморон нигар,
Аз раҳи дур баҳри дармон омадам, аз хоб хез!
Гуфта будӣ, ин ки меҳмонро пазиро мешавӣ,
Инак, инак ,ҳамчу меҳмон омадам, аз хоб хез!
Аз фиғонам дар фиғон ояд ҳама ҳуру малак,
Най ба каф ман аз найистон омадам, аз хоб хез!
Нури ман, маҳбуби бепарвои дилдарёи ман,
Чун гадо дар ёди эҳсон омадам, аз хоб хез!

*    *    *

Ҳарфе ба ман нагуфту ҳаёро баҳона сохт,
Аз пеши ман бирафту саборо баҳона сохт.
Бар суҳбати рақиб расиду сухан бигуфт,
Аз ман гузашту аҳду вафоро баҳона сохт.
Дар пеши ғайр синаи манро шикоф кард,
Розам кушуду ақли расоро баҳона сохт.
Мехост то нишонаи тираш кунад маро,
Дар разм буду сулҳу сафоро баҳона сохт.
Сӯям надиду як қадам аз ман дареғ дошт,
Озурда гаштани кафи поро баҳона сохт.
Субҳи мурод омаду бар ғайр ком дод,
Даврам расид, рӯзи ҷазоро баҳона сохт.
Бурд аз Зарифӣ дил ба як наззорае, вале
Бар ман надиду нозу адоро баҳона сохт.

*    *    *

Бо серӣ надидам, ар ҷамолат, бону,
Рӯзам ба шаб омад ба хаёлат, бону.
Дар синаи ман набуд аз рӯзи азал,
Армони дигар ба ҷуз висолат, бону.
Ту мурғи ҳумоию манам мӯри асир,
Берун наравам зи зери болат , бону.
Афсонаи ман намешавад ҳеҷ тамом,
То дида бувад ба хатту холат, бону.
Аз ман ту напурсӣ сӯзи ишқи худро,
Муштоқ манам ба ин саволат, бону.
Аз нолаи ту ба нола ояд ҷонам,
Ҳаргиз нарасад рӯзи заволат, бону.

Бигзар зи сари хоки мани шӯрида,
Бо қадди хуши ҳамчу ниҳолат, бону.
Ҳангоми сафар зи дарди дил мегӯям:
Озод шудӣ, хушо ба ҳолат, бону!

* * *

Сояи лутфат бароям соябон аст, эй парӣ!
Орзуи васли ту дар мағзи ҷон аст, эй парӣ!
Нашъаи маргам гуворо мерасад аз осмон,
Чунки ҳаҷрат баҳри ман марги гарон аст, эй парӣ!
Гарчи пирам, хон маро бар бистари танҳоият,
Бо ҳама пирии тан ишқам ҷавон аст, эй парӣ!
Қиссаам овозаи рӯи ҷаҳон гардидааст,
Дар ҳама маҳфил зи ман як достон аст, эй парӣ!
Аз ту бошад нахли умрам соҳиби баргу наво,
Бе ту нахли умр дар банди хазон аст, эй парӣ!
Сабз бошад дар вуҷудам сабзаи армони дил,
То ки номи ту маро вирди забон аст, эй парӣ!
Ёди айёме, ки бо ман меҳрубонӣ доштӣ,
Байни мову ту бас асрори ниҳон аст, эй парӣ!
Сорбоно, аз қатори бардагон моро нарон,
К-ин зи по афтода з-аҳли корвон аст, эй парӣ!
Аз табибон дарди ман ҳаргиз намеёбад шифо,
Дарди ман бар мардуми олам аён аст, эй парӣ!
Аз Зарифӣ, эй парирухсор, ҳаргиз рӯ матоб,
Бо ҳама вомондагӣ аз дӯстон аст, эй парӣ!

* * *

Чун замин ту яктоӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Дилкашу дилороӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Кокулони хушбӯят накҳати суман дорад,
Гулбуни сумансоӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Он қадар ту волоӣ, аз парӣ ту болоӣ,
Бар фаришта ҳамтоӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Дида аз тамошоят ҳеҷ гаҳ нагардад сер,
Нури чашми биноӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Оташи фурӯзонӣ, кони лутфу эҳсонӣ,
Ту фузун зи дунёӣ, эй зан, эй зани тоҷик!

Эй ба шаб чу маҳтобӣ, баҳри ташна чун обӣ,
Ҳаминони дарёӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Дар ниҳоди ту пинҳон сад китоби маъниҳост,
Шаҳкитоби маъноӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Дар ҷаҳони муштоқӣ, дар вафо аҷаб тоқӣ,
Моми Пури Синоӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Ҳар ҳуруфи ту бошад раҳкушои роҳи ман,
Олими тавоноӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Ҳар каломи ту бошад дилкушою ҷонпарвар,
Чун Маҳастӣ доноӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Дар миёни маҳрӯён нест бар ту ҳамтое,
Аз ҳама ту зебоӣ, эй зан, эй зани тоҷик!
Ҷуз ту кас намебошад посдори суннатҳо,
Раҳнаварди фардоӣ, эй зан, эй зани тоҷик!

*    *    *

Аз ишқи ту беморам, то бод, чунин бодо!
Дилхастаю афгорам, то бод, чунин бодо!
Ҳастӣ ту ҳаёти ман, ҳам азму суботи ман,
Аз ғайри ту безорам, то бод, чунин бодо!
Пур карда бари доман, гар дард диҳӣ бар ман,
Дарди ту харидорам, то бод, чунин бодо!
Ҳар субҳ зи ҷо хезам, аз хеш чу бигрезам,
Номат ба забон орам, то бод, чунин бодо!
Аз чархи ҷафопеша, озурдаам аз реша,
Бо дидаи хуншорам, то бод, чунин бодо!
Дар рӯи раҳам сад сол, гар тухми ҷафо корӣ,
Ман тухми вафо корам, то бод, чунин бодо!
Дар соати марги хеш, бо синаву қалби реш,
Васли ту талабгорам, то бод, чунин бодо!

*    *    *

Мапӯш дида зи ман, баски дӯстдори туям,
Асири чеҳраи зебои чун баҳори туям.
Маро зи давлати дунё ҳамин бас аст, эй гул,
Ки зинда ҳастаму андар ғами канори туям.
Хаёли бодаи нобам намебарад аз худ,
Биёр бода зи лаълат, ки дар хумори туям.

Ҳазор сол напурсию ёди ман накунӣ,
Ба қалби пораю муштоқ интизори туям.
Ба ҷуз ту дар ду ҷаҳон ҳосиле намеҷӯям,
Ба бӯса даст бидеҳ, баски хоксори туям.
Агарчи теғ мезаниям, ё ки мекунӣ озод,
Ҳар он чӣ хоҳӣ бикун, ман дар ихтиёри туям.
На дар хаёли касеям, на дар хумори касе,
Нафас ҳаром бодам, агар ман на ёри туям.

* * *

Нурбахши маҳфилам, ёдат кунам,
Шабчароғи манзилам, ёдат кунам.
Умри ман бигзашт дар ёди висол,
Навниҳоли соҳилам, ёдат кунам.
Раҳм кун бар ҳоли бесомони ман,
Бе ту чун нокомилам, ёдат кунам.
Изтироболудам аз дурии ту,
Арчи ман ноқобилам, ёдат кунам.
Нарм-нармак гӯ сухан аз боби меҳр,
Бар вафоят қоилам, ёдат кунам.
Ин дили решам магардон ноумед,
Сархати обу гилам, ёдат кунам.
Соате бо ман нишину гӯш кун,
Гарчи бошӣ қотилам, ёдат кунам.
Офтобӣ, нур пош андар сарам,
Эй тавонбахши дилам, ёдат кунам.

* * *

Ноз кам кун ба сарам ёри ситамкораи ман,
Нигаҳи меҳр бияфкан ба дили пораи ман.
Уммати шефтаам бар дари пайғамбари ишқ,
Ба умедам омадаам ,то ки кунӣ чораи ман.
Раҳм кун бар мани шайдои зи по афтода,
Ашки ҳасрат чу аён гашт ба рухсораи ман.
Ин ҷаҳон ҷои ғаму ҳасрату ҳайронӣ нест,
Чӣ шавад лутф кунӣ, дилбари маккораи ман.
Натавонам, ки нафас бе ту кашам дар олам,
Макан аз доғ ту ин риштаи яктораи ман.

Ин дили реши ман аз ҳасрати ту мегиряд,
То нагӯӣ, ки чӣ шуд, ошиқи овораи ман.
Сарви қадди ту асои дигарон аст, дареғ,
Нур афкан ба шабам, ахтару маҳпораи ман.
Орзуманди васоли туям, эй чашмаи ноз,
Ёд орад сари зону-т зи гаҳвораи ман.

* * *

Маҳи хайру саховат рафт, афсӯс!
Маҳи иззу шарофат рафт, афсӯс!
Маҳи беҳтар зи сад моҳу зи сад сол,
Маҳи гармии тоат рафт, афсӯс!
Маҳи парвоз бар сӯи таҷаллӣ,
Маҳи лутфу латофат рафт, афсӯс!
Маҳи раҳмат, маҳи авҷи таровеҳ,
Маҳи назму назокат, рафт, афсӯс!
Маҳи осудагии қалбу ботин,
Маҳи фаҳму фаросат рафт, афсӯс!
Маҳи пирӯзиҳо бо нафси кофар,
Маҳи ишқу муҳаббат рафт, афсӯс!
Маҳе, ки синаро мекард равшан,
Маҳи дур аз шикоят рафт, афсӯс!
Маҳе, ки бо дили мо ҳамсадо буд,
Маҳи хоси тиловат рафт, афсӯс!
Дар ин савдо ҳаменолам, Зарифӣ,
Маҳи файзу футувват рафт, афсӯс!

* * *

Ноз кун, то соате маҳви тамошоят шавам,
Волаи ҳусни хушу чашмони шаҳлоят шавам.
Умр поён мепазирад, як нафас бо ман нишин,
То дар иқлими вафо ғарқи таманноят шавам.
Рӯ намеорам ба сӯи нур бар кӯҳи Сафо,
Рух намо, то зарраи нури таҷаллоят шавам.
Изтиробам кам намегардад зи тасвири қадат,
По бинеҳ андар сарам, хоки кафи поят шавам.
Нашъаи васли туро мехоҳам андар рӯзгор,
Андар ин бозори дил саргарми савдоят шавам.

Ин дили решам хаёли лаъли лаб мепарварад,
Ҷуръае бахшо ба ман, то масти саҳбоят шавам.
Салсабилу ҳури ризвонам намеояд ба кор,
Ман асири зулфи печони дилороят шавам.
Офтоби қисматам аз меҳри ту ёбад тулӯъ,
Садқаи лутфу адо, рухсори зебоят шавам.

* * *

Чашми ту дидану аз худ набуридан ҳунар аст,
Аз баландӣ ба ҳавоят напаридан ҳунар аст.
Аз тариқи дили мо бехабаранд раҳгузарон,
Аз ақиби ту ба ин раҳ надавидан ҳунар аст.
Булбулон дар ҳаваси ҳарфи хушат меноланд,
Қиссаи лаъли лабатро нашунидан ҳунар аст.
Ҳама кас орзуи себи занахдони ту дошт,
Бо ту як ҷо шудану бӯса начидан ҳунар аст.
Сайди афгори туро чора ба ҷуз мурдан нест,
Рӯи хун ғалтида дар худ натапидан ҳунар аст.
Ба ҳавои ту сар аз хок бурун хоҳам кард,
Сабзасон аз дили хоро надамидан ҳунар аст.
Субҳдам боди сабо бӯи туро меорад,
Накҳати ёсуманият нашамидан ҳунар аст.
Ноз кун, то ба абад нозкашат хоҳам монд,
Ранҷ дар ҳасрати рӯят накашидан ҳунар аст.
Дарди дил бе рухи хуби ту мудово нашавад,
Дидани ҳусни туюю лаб нагазидан ҳунар аст.

* * *

Зиндагиро ҳеҷ ранге ҷуз пушаймонӣ намонд,
Хотири ҷамъи маро ғайри парешонӣ намонд.
Лаб ба лаб шуд кӯчаҳо аз дӯсти нонӣ, вале
Дар замони мо, дареғо, дӯсти ҷонӣ намонд.
Бадсиголӣ расм шуд дар ҷодаи номусу ном,
Ё дар ин ин иқлим номе аз мусалмонӣ намонд?
Канда шуд якбора банди риштаи меҳру вафо,
Дар ҳама амволи олам ҳеҷ арзонӣ намонд.
Дашти мо аз кишт монду боғи мо беҳосил аст,
Нархҳо афзудаву дигар фаровонӣ намонд.

Ҳарфи доно эътибори хешро гум кардааст,
Дар дукони ҳастӣ ҷуз колои нодонӣ намонд.
Худкуширо зумрае донад матои ифтихор,
Риштаи шодӣ гусаст, ҷуз марсияхонӣ намонд.
Одамият дар бисоти халқи олам ёфт нест,
Дар ҳама рӯи ҷаҳон нақше зи инсонӣ намонд.

## ДИЛОВАР МИРЗО



*Диловар Мирзо (Талабзода Диловар Мирзо) соли 1956 дар деҳаи Нимичи ноҳияи Рашт ба дунё омадааст. Соли 1977 факултаи педагогика ва соли 1983 факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Қандил Ҷӯраевро хатм намудааст.*

*Фаъолияти меҳнатиашро ба сифати омӯзгор оғоз намудааст. Аз соли 1989 то соли 1992 ба ҳайси хабарнигори рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ифои вазифа кардааст. Соли 1992 ӯро барои кор ба Кумитаи радио ва телевизиони Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват кардаанд.*

*Солҳои 1995-1999 дар рӯзномаи ноҳиявии «Ойинаи Рашт» фаъолият дошт. Солҳои 1999-2007 дар вазифаи мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Рашт кор кард. Аз январи соли 2008 то2011 дар вазифаи мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа ва аз моҳи январи соли 2011 то 30 январи соли 2015 дар вазифаи мудири бахши фарҳанги ноҳияи Рашт кор кардааст. Аз моҳи феврали соли 2015 хабарнигори нашрияи «Садои мардум» мебошад. Аз соли 2012 бо қарори Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон вазифаи котиби масъули бахши раштии ИН Тоҷикистонро ба уҳда дорад.*

*Ҳикояи аввалини Диловар Мирзо таҳти унвони «Гуноҳи падар» соли 1986 дар рӯзномаи «Газетаи муаллимон» чоп шудааст.*

*То имрӯз китобҳои вай бо номи «Вопасин набард», «Зарринёле баъди падар», «Борон изҳоро мешӯяд…», «Мусаввараи нотамом», «Борон доғҳоро мешӯяд…», «Борон пайҳоро мешӯяд…», «Афсонаҳои қисмат»,*

*«Қандил», «Хунёгар» ва «Алихуши Найистонӣ» ба табъ расидаанд.*

*Қиссаҳояш «Нусратулло Махсум», «Қисмат», «Шаҳчинор» аз тариқи маҷаллаи «Садои Шарқ» дастраси хонандагон шудаанд.*

*Китоби наваш бо номи «Қисмат» ба нашриёти «Адиб» супурда шудааст. Ҳамчунин қиссаи мустанадаш бо номи «Султони шаҳри тиб» барои чоп тайёр шудааст.*

*Диловар Мирзо дар тарҷума низ қувваозмоӣ намуда ҳикояҳои нависандаи булгор Н. Ҳайтов, нависандаи гурҷӣ Т. Патурашвили, нависандагони рус С. Марков ва Н. Екимовро аз русӣ тарҷума намудааст.*

*Қиссаи машҳури «Сабзпарӣ ва Зардпарӣ»-ро ба хати кириллӣ баргардонда дар шакли китоб ба дӯстдорони каломи бадеъ пешкаш кардааст.*

*Аз соли 1995 узви Иттиҳоди рӯзноманигорони Тоҷикистон аст.*

*Аз соли 2002 узви ИН Тоҷикистон мебошад.*

*Барои хизматҳояш бо ордени «Шараф» дараҷаи 2, (соли 2002), нишони сарисинагии «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (соли 1979), нишони «Сухан»-и ИН (соли 2006), Аълочии матбуоти Тоҷикистон(соли 2014) сарфароз гардидааст.*

## ҒАЗАЛҲО

Муддате шуд, ки зи ёрам хабаре нест маро,
Дили бемору табиби дигаре нест маро.
Гуфтам, ай боди сабо, як хабар аз ёр бигӯ,
Гуфт: Афсӯс, бар он кӯ гузаре нест маро.
Дили девона ба дунболи вай афтоду бирафт,
Гуфтамаш: Вой, марав! Гуфт: Хатаре нест маро.
Гуфтиям ёри дигар гиру маро тарк намо,
Ҳавасу завқи ҷамоли дигаре нест маро.
З-оташи синаи ман доманаш оташ нагирифт,

Чу яке чӯби тарам, во шараре нест маро.
Ман, ки умре ба хаёли рухи ӯ мезистам,
Сад дарего, ба ҷамолаш назаре нест маро.
Зумрае аз ҳунари хеш занад лоф мудом,
Ғайр аз ин гиряву зорӣ ҳунаре нест маро.
Умр бигзашт ба сарсониву ҳам дарбадарӣ,
Чӣ кунам ҷойи иқомат ба даре нест маро.
Ба дуо ёди мани зор намоӣ, Мирзо,
Ки дар ин роҳи дароз ҳамсафаре нест маро.

* * *

Эй вой, ханҷар мезанад бар сина он барно маро,
Охир ба хоку хун кашад, имрӯз, ё фардо маро.
Дар раҳгузори он санам ман хок бар сар мекунам,
Шояд ки хонад сӯйи хеш он турки бепарво маро.
Андар намози бомдод омад маро чашмаш ба ёд,
Он як нигоҳи чашми ӯ кард волаю шайдо маро.
Дар маҳфиле биншаста ӯ, хайли ҳарифон рӯ ба рӯ,
Аз маҷлисаш берун намуд бо нозу истиғно маро.
Созам ба даргоҳи Худо ҳар субҳу шом ман ин дуо,
То дарди ишқ гардад насиб ин ҷову ҳам он ҷо маро.
Ин бахти бад раҳме накард бар ҷони Мирзо, эй ҳабиб,
Дар кӯйи ӯ афкандааст бечораву танҳо маро.

* * *

Мерасад бар авҷи гардун оқибат овои мо.
Дар самовоти дигар эҷод шуд маъвои мо.
Андаруни олами дигар ману дунёи ман,
Бебасар ҳаргиз набинад олами зебои мо.
Тарси ман аз марг набвад, эй ҳабиби меҳрубон,
Дар миёни ҳакшиносон холӣ монад ҷойи мо.
Дардмандонему дармоне намеёбад табиб,
Сӯхт мағзи устухонам, войи мо, сад войи мо.
Бо дили девона ҳар шаб менамоям кашмакаш,
Дар фиғон афтодааст ҳамсоя аз ғавғои мо.
Мардуме аз баҳри таъзим назди дуне дар сукут,
Лоиқи иззат нагардид, сад дареғ, Мирзои мо.

* * *

### *Дарё даруни бистарам гутта мезанад*
### *(Сиёвуш)*

Қадаҳ лабрез бинмоям ман аз паймонаи дарё,
Ба гӯши дил фурӯ резам кунун афсонаи дарё.
Мани шӯридаавзоро ба дарё нисбате бошад,
Ки сар бар санги соҳил мезанад девонаи дарё.
Ба рӯйи мавҷ мерақсад тани урёни моҳ имшаб,
Хироми тозае дорад чу соҳибхонаи дарё.
Вуҷуди хастаамро роҳате гардида арзонӣ,
Ба оғӯш чун кашад як дам маро ҷононаи дарё.
Хумори ташнагонро бишканад бо ҷуръае ҳар дам,
Чу соқӣ бодахоронрост арӯси хонаи дарё.
Ду зулфи қиргуни ёрро дидам ба дасти ӯ,
Аҷаб машшотагӣ дорад ба дасташ шонаи дарё.
Дар ин шоме, ки маҳ болои дарё шир мерезад,
Маро мафтун намуда нағмаи мастонаи дарё.
Ду соҳил чун ғуломон сар ниҳода зери фармонаш,
Ба гардан мекашанд умре ҳамон завлонаи дарё.
Фурӯ рав андар ин дарё, ту ҳам ғаввоси маънӣ бош,
Ки чашмат хира бинмояд дуру дурдонаи дарё.
Шабонгаҳ меравад Мирзо ба уммеди дуо гуфтан,
Нишинад бар лаби соҳил, кунад шукронаи дарё.

* * *

Мастона фиғон дорам бо ёди шумо имшаб,
Ҳамсоя ба ҷон омад, аз навҳаи мо имшаб.
Дар водии нобудӣ саргашта мани танҳо,
Ай кош, расад додам бар арши Худо имшаб.
Дар ҳасрати дидорат чун миҷмари тар сӯзам,
Қурбон бикунам ин тан бечуну чаро имшаб.
Султони дилам ҳастӣ, шамъи манзилам ҳастӣ,
Шукрона туро гӯям, ай нури Худо, имшаб.
Эй дидаи ибратбин, то чанд нагирӣ панд,
К-ин олами фониро бахшанд ба гадо имшаб.
Дар кунҷи хароботе як хайл зи дарвешон,
Дунёи дигар созанд бо шӯру шаға имшаб.
Муштоқи ҷамоли ту, бечораву ранҷурам,

Аз баҳри Худо, эй дуст, бархезу биё имшаб.
Беҳуда равӣ, Мирзо, шабҳо пайи ёди ӯ,
Дар базми рақибон аст, дур аз бари мо имшаб.

* * *

Соқӣ, аёғ пур кун аз он шароби Ваҳдат,
То як ғазал бихонам ман аз китоби Ваҳдат.
Боре намо назора бар саҳфаҳои таърих,
Бегонагон чӣ карда зери ниқоби Ваҳдат.
Гардем асиру вола бар ҳусни безаволаш,
Як лаҳза дур созем аз сар ҳиҷоби Ваҳдат.
Дар кӯйи некномон, дар базми хубрӯён,
Ҷонҳо ба шӯр орад чангу рубоби Ваҳдат.
Паймонае ба каф гир имрӯз бетаҳаммул,
Ду оламат ба фармон гӯяд савоби Ваҳдат.
Аз худ биҷӯ нишоне айёми ҳақшиносист,
Дигар макун тағофул дар интихоби Ваҳдат.
Сад ҷон супурда покон аз баҳри номи тавҳид,
Душман камар бибандад баҳри итоби Ваҳдат.
Мирзо агар биёбад шурбе зи ҷоми тавҳид,
Ёбад ҳаёти ҷовид бо як хитоби Ваҳдат.

* * *

Дӯш аз ин кӯй гузар карду рафт,
Боз маро хуни ҷигар карду рафт.
Ҷилвакунон хайли парӣ аз пасаш,
Ҳар ду ҷаҳон зеру забар карду рафт.
Суҳбати ин пир будӣ дилгир,
Оқибати кор ҳазар карду рафт.
Нола надорад ба дили ӯ асар,
Ашки маро дурру гуҳар карду рафт.
Мурғи хушилҳон дами субҳдам,
Қиссаи он нури басар карду рафт.
Пири хирадманд маро дид маст,
Таъна бар он домани тар карду рафт.
Он ки мудом ҷони ҷаҳон хондамаш,
Вой, маро хок ба сар карду рафт.
Хонаи чашмам кунамаш пешкаш,

Ханҷари тезе ба ҷигар карду рафт.
Баски ба Мирзо сари ёрӣ надошт,
Майл ба ушшоқи дигар карду рафт.

* * *

То бар дили ғампарвари мо ҷабру ситам рафт,
Кас воқифи асрор набудӣ, чӣ алам рафт.
Ақл омаду бар гӯши дилам дӯш чунин гуфт:
Шукрона намо, ин ҳама аз лавҳу қалам рафт.
Ваҳ, умри азиз рафт ба сарсониву ҳайрат,
Дунболаи ӯ рафтаму ҳар ҷо ки қадам рафт.
Ин хандаи мо мисли саробест ба маҷлис,
Дар хилвати шаб ханда ба дарёи алам рафт.
Дуде, ки бурун ҷаста аз ин синаи пурдард,
Эй чашми худобин, бинигар то ба Адам рафт.
Олам ҳама пур гашта зи афсонаи Одам,
Дар лавҳ агар қисса ба як ҳарфу рақам рафт.
Гӯянд: чӣ сон омаду рафт Пури Талабшоҳ?
Бо чашми пуроб омаду бо чеҳраи нам рафт.

* * *

Зери бори ишқ имшаб гардани ҷонам шикаст,
Дар ҷаҳони бехудиҳо ҷумла армонам шикаст.
Баски дар чашмони ӯ пайдо накардам меҳри хеш,
Дар лабони хушку табдор оҳи сӯзонам шикаст.
Хостам з-он бода нӯшам, вораҳам аз бори ғам,
Бахти бадро бингаред, ҳам ҷому паймонам шикаст.
Мисли ман ворунабахте модари гетӣ назод,
Дар талоши бахт, ёрон, ину ҳам онам шикаст.
Нозанино, баъд аз ин аз мо бипарҳез, дур бош,
З-он ки ин девонадил гулро ба гулдонам шикаст.
Раҳм бар Мирзо надорӣ, фикри уқбо кун, ту дил,
Аз пайи ишқбозиҳоят гардани ҷонам шикаст.

* * *

Гуфтам, ки: Дар чашмони ту дидам нишоне аз гунаҳ,
Гуфто: Мазан ҳарфи дурӯғ, ҷурме набошад дар нигаҳ,
Гуфтам, ки: Дар ҳарду ҷаҳон васли туам буд орзу,
Гуфто: Агар хоҳӣ маро, шав ҳамнафас бо хоки раҳ.

Гуфтам, ки: Сармаст нимашаб аз қасри ту омад рақиб,
Гуфто, ки: Дар лавҳи қазо рафта ишорат аз Илаҳ.
Гуфтам, ки: Морони сияҳ дар хоб ранҷам медиҳанд,
Гуфто, ки: Мемирӣ шабе дар банди зулфони сияҳ.
Гуфтам, ки: Аз савдои ишқ расво ба ҳар кӯю дарам,
Гуфто: Дуо созам мудом ҳолат шавад аз ин табаҳ.
Гуфтам, ки: Дар рӯйи замин ҳамтои рӯятро бигӯ,
Гуфто, ки: Доранд душманӣ бо чеҳраам хуршеду маҳ,
Гуфтам, ки: Дидам соя ҳамранги дузде аз паят,
Гуфто, ки: Мирзо меравад, дунболи мо мисли шабаҳ.

* * *

Дилро дар ин субҳи саид бо теғи абрӯ мекушад,
Дар чӯби дори қоматаш бо ҳалқаи мӯ мекушад.
Аз баҳри ҳайбат шӯхи мо дар пойи қасри хештан,
Дар қайди зулф афтодаро бо сад ҳаёҳӯ мекушад.
Эй кош, медод гоҳи мавт як ҷуръа аз ҷоми лабаш,
Як бандии лабташнаро андар лаби ҷӯ мекушад.
Гар раҳраве дар роҳи ишқ бар рағми ӯ по мениҳад,
Афсуну сеҳраш мекунад, дар банди ҷоду мекушад.
Дилдодаи овораро, реги биёбонхӯрдаро,
Ё гарди роҳи даргаҳаш, ё атри гесӯ мекушад.
Бар сурате ошиқ шудам, мислаш наёбӣ дар ҷаҳон,
Садҳо ҳазорон дар нафас бо як имо ӯ мекушад.
Дар ин ҷаҳони пурбало, он раҳравони покро,
Тарсову муслими дигар, ё габру ҳинду мекушад.
Аз кӯйи он зебосанам омад садое субҳдам,
Мирзои бахтбаргаштаро бо зури бозӯ мекушад.

* * *

Маро аз рашҳаи ғам офариданд,
Ба мисли ман ками кам офариданд.
Маро бурданд шаҳри худшиносӣ,
Ба он шаҳре, ки Одам офариданд.
Басо шаҳри диловез аст, лекин
Ғизои мардум аз ғам офариданд.
Барои одами лабташна он ҷо,
Аҷаб ду чашми пурнам офариданд.

Ба ҷойи молу сарват - нангу номус,
Сари боло ба олам офариданд.
Ғами миллат, ғами меҳан ба дил ҷо,
Аз ин ду баҳрам ҳамдам офариданд.

* * *

Ба қади сарви сухангӯ ҳавасам меояд,
Ҳам аз он наргиси ҷоду ҳавасам меояд.
Офтобе ба назар омада дар нимаи шаб,
Ё аз он ғабғабу гесу ҳавасам меояд.
Нуктаи саҳфа маро бурд ба дунёи дигар,
Магар аз холи бари рӯ ҳавасам меояд.
Ба дари савмаа зоҳид ба фиғон омаду гуфт:
«Ки аз он байти ду абрӯ ҳавасам меояд».
Дарди ҳиҷрон бахудо, сер зи ҷонам бинамуд,
Ҳалқаи дор аз он мӯ ҳавасам меояд.
Пои рафтор надорам, ки ба ҷое биравам,
Ба тамошои лаби ҷӯ ҳавасам меояд.
Бишунид нолааму гуфт ба ёрон Мирзо:
«Ки аз ин мурғи сухангӯ ҳавасам меояд».

* * *

Ай дурӯғгӯ, ба ту бовар накунам бори дигар,
Бизанам хаймаи худ бар сари бозори дигар.
Сабақи булҳавасӣ додӣ маро, ҷони азиз,
Бӯса гулдӯзӣ кунам бораи рухсори дигар.
Ба гулистони ту гар деву даде хайма зада,
Ба тамошо биравам ҷониби гулзори дигар.
Шаб ба хилватгаҳи худ ёд кунам рӯи туро,
Ба ҷуз ин гиряву зорӣ накунам кори дигар.
Партави нури таҷаллӣ диҳадам зӯру тавон,
Варна ҳар шаб фалакам медиҳад озори дигар.
Одамӣ бори амонат чу раҳо кард зи дӯш,
Ё Раб аз ғайб расонӣ ту ҷаҳондори дигар.

* * *

Бахудо, ки даргирифтам зи ғами ҷудоӣ, эй гул,
Ману нолаҳои шабгир, алами ҷудоӣ, эй гул.
Ба талошу саъй натвон бирасам ба васли ёре,

Чу ба лавҳ хат кашида қалами ҷудоӣ, эй гул.
Гаҳи роз шаб ба хилват бикунам ҳазор зорӣ,
Зи Худо талаб намоям адами ҷудоӣ, эй гул.
Агарам расам ба суҳбат бикунам дуо дубора,
Нарасад ба маҳфили мо қадами ҷудоӣ, эй гул.
Ба сипоҳу лашкари худ бикунад чу худнамоӣ,
Ба дилам фиканда оташ ҳашами ҷудоӣ, эй гул.
Ҳама ошиқони олам ба дараш дуо бигӯянд,
Ки зи лавҳ пок гардад рақами ҷудоӣ, эй гул.

* * *

Эй кош, вақти бехудӣ аз дори дунё бигзарам,
Вораста аз банди гарон, аз шаҳри ғамҳо бигзарам.
Э дӯст, бикшо синаам, бингар ту қалби хастаам,
Оина дар зангор гум, натвон, ки дарё бигзарам.
Хоҳам, ки фарёде занам, гиря гиреҳе дар гулӯ,
Аз тангии банди нафас бешӯру ғавғо бигзарам.
Номардии ҳамсуҳбатон аз по фикандам ончунон,
Баҳри наҷоти қалби худ аз хешу ошно бигзарам.
Дар олами пур аз бало, воҳид бимондам умрҳо,
Танҳо ба дунё омадам, сад вой, танҳо бигзарам.
Чун ваъдаи дидори дӯст ояд ба ёдам ҳар замон,
Нури таҷалло бар сарам аз ҳарду дунё бигзарам.
Аз бодаи Мансур маст, дар хеш мегардем ҳаст,
Аз даъвии дунёи дун ҳамсони Мирзо бигзарам.

* * *

Ҳон, ки баҳорон расид бар дари айвони ман,
Боз ба ҷӯш омада табъи ғазалхони ман.
Боғу чаманро бубин, кӯҳу даманро бубин,
Таъна ба фирдавс зад, мулки гулафшони ман.
Нағмаи боди саҳар, хониши рӯд аз дигар,
Бурда аз инҳо фараҳ ҷони туву ҷони ман.
Ҷомаи сабзи баҳор, танга-танга гули хор,
Масти тамошо шуда дидаи ҳайрони ман.
Бӯйи диловези гул мерасад аз ҳар тараф,
Накҳати ӯ дода ҷон бар чаманистони ман.
Булбули шӯридасар, бинмуда азми сафар,

Ҷилвакунон зад қадам ҷониби бӯстони ман.
Хониши кабки дарӣ, қаҳ-қаҳи хайли парӣ,
Ҳаст дар ин фасли сол доруву дармони ман.
Дар лаби ҷӯи равон, хайли паризодагон,
Ишваву нозе кунад он маҳи хубони ман.
Ҳимати деҳқони мо хоки сияҳ зар кунад,
Санг дигар лаъл шуд дар кафи деҳқони ман.
Меҳани озоди мо рӯй ба нашъунамост,
Шукри саодат кунад пири сухандони ман.

* * *

Эй ошиқи шӯрида аз мадраса берун шав,
Дар ҳалқаи риндон шин, дар ишқ чу Маҷнун шав.
Хоҳӣ, ки ҷалло бинӣ, дидори Худо бинӣ,
Аз савмаа берун рав, дар майкада маскун шав.
Як қатраи об астӣ, ғофил ту ба хоб астӣ,
Риндӣ куну шайдоӣ, аз қатра ту Ҷайҳун шав.
Нафс асту Заҳҳок охир, баркан сари моронаш,
Мардона ҷидоле кун, ҳамсанги Фаридун шав.
Аз бодаи Шоҳмансур сад ҷом бинӯш ҳар шаб,
Девонаву бехуд бош, аз шаҳр ба ҳомун шав.
Гар панди маро гирӣ, ҳаргиз ту намемирӣ,
В-ар пунба ба гӯш дорӣ, монанд ба Шамъун шав.
Дунё набувад боқӣ, пайғом бигуфт соқӣ,
Эй бехабару коно аз карда пушаймун шав.

* * *

Маст, нигори нозанин, ҷониби хона меравӣ,
Сӯи сарой хонамат, шаҳри баҳона меравӣ.
Ҳастии ман барои ту, ҷону дилам фидои ту,
Ҳамраҳи хасми ман чаро моҳи ягона меравӣ?
Дарди фироқ, эй азиз, пои равон зи ман рабуд,
Баҳри ризои Ҳақ чаро пурсиши мо намеравӣ?
Синаи ман сарои ту, дидаи ман чу ҷои ту,
Товуси хушхироми ман дур зи лона меравӣ.
Дидаи ман ҷаҳони ту, синаи ман макони ту,
То ба кай, э ҳабиби ман, хона ба хона меравӣ?
Ман ки ба дом фитодаам, рӯ ба раҳат ниҳодаам,

Сайд чаро раҳо кунӣ в-аз пайи дона меравӣ?
Номи азизи ту дигар сабти равони ман шуда,
Ҳамраҳи ҷон аз лабам мисли тарона меравӣ.
Аз дари дӯст мерасад Пури Талаб ба шаҳри хеш,
Баҳри зиёраташ чаро ҳамраҳи мо намеравӣ?

# РАВШАНИ ҲАМРОҲ



*Равшани Ҳамроҳ (Ҳамроев Равшанқул Замонович) 18 сентябри соли 1960 дар деҳаи Вашани ноҳияи Айнии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент (с.1980) ва факултаи таъриху филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд)-ро соли1984 хатм намудааст. Аз соли 1984 то соли 1989 дар мактаби миёнаи рақами 35-и ноҳияи Ёвон ба ҳайси омӯзгор ва то соли 1992 дар шуъбаи маорифи ҳамин ноҳия дар вазифаи мушовир кор кардааст. Ду сол дар мактаби миёнаи зодгоҳаш муаллим буд. Аз соли 1994 то соли 2016 дар коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент дарс гуфтааст. Алъон муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Оиладор, падари шаш фарзанд.*

*Намунаҳои эҷодиёташ дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва зиёда аз бист маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ба табъ расидааст. Нахустин маҷмӯаи шеърҳояш таҳти унвони «Гарди ситора» соли 1990 дар нашриёти «Адиб» аз чоп баромадааст. То айни замон маҷмӯаҳои ашъораш таҳти унвони «Гули абр» (1997), «Андешаҳо аз решаҳо» (1999), «Таронаҳо ба хонаҳо» (2001), «Забони чашм» (2003), «Тафсири фиғони мург» (2004), «Оҳанги бедорӣ» (2006), «Ташнаи дидор» (2007), «Саду як ғазал» (2009) ва «Солнома» (2011), «Дарахти оҳ» (2013) ва «Аз чароғи хона то шамъи мазор» (2016) ба нашр расида. Равшани Ҳамроҳ инчунин, муаллифи маҷмӯаи ҳаҷвии «Витамини ханда» (1999), рисолаҳои «Саргузашти Ҳазрати Муҳаммад(с)» (2009), «Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам» (2010), «Таълимгоҳи бузургон» (2010), «Кони зар*

*ва дарёи пургуҳар» (2010), «Фарзанди қарни XX» (2011) ва «Рӯзгори омӯзгор» (2013) буда, бештар аз 50 мақолааш дар матбуоти маҳалливу марказӣ интишор ёфтаанд. Таҳрири беш аз 70 маҷмӯа ба қалами ӯ мансуб буда, соли 2013 «Тазкирату-л-авлиё»-и Шайх Атторро бо хати кириллӣ ба чоп расонидааст. Равшани Ҳамроҳ соли 1989 бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва соли 2010 бо ҷоизаи шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номи Қутбӣ Киром мушарраф гардидааст.*

*Аз соли 2000 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.*

## РАҲТӮША

Ман аз кӯҳ омадам бар шаҳр,
Димоғам мекунад бӯи баҳорон.
Ба ту дар косаҳои чашмҳои худ
Саломи обҳои чашмаҳо овардаам имрӯз
Салом, эй ёри сабзина!

Ба ту овардаам тӯмори сабзи барги торонро,
Ва ҳам дар пардаҳои гӯшҳоям сабт бинмуда
Ба ту овардаам як фитаи овози мурғонро,
Ба рӯи боми сабзи тотину ревоҷ
Садои нарми боронро.

Қатори шаддаҳои ҳарфҳои шеърҳои худ
Биёвардам ҳамели сучу чӯлиндону кокутӣ
Ҳамон тавре ки бар Маскав-ба Бону
Ҳамели мағз мебурдаст Лоҳутӣ...

## МЕЛОДИ МАН

Ман аз баҳори модарам дуздида омадам,
Бар ин баҳорхонаи пурнақшу пурнигор.

Монд аз баҳори умри худ бечора модарам,
Шуд тирамоҳи умри ӯ оғози ин баҳор.

Мелоди ман ба зодани дарё бувад шабеҳ,
Дарё нигаҳ намекунад бар кӯҳу чашмасор.
Аз модари ягонааш ёде намекунад,
Вақте ки дашт чун зане гирад варо канор.

Рӯзе ,ки пои ман равон бинмуд модарам,
Ман домани намозии ӯ пушти по задам.
Пас аз канори модарам рафтам канори деҳ,
Худро пас аз канори деҳ бар шаҳрҳо задам.

Ҳайфо, канори модарам буд меҳани нахуст,
Тарки ватан намудаму гаштам ғарибу зор,
Аз он биҳишти гумшуда афсӯс меҳӯрам,
Акнун миёни дӯзахи дунё ҳазор бор.

Вақте зи шири модари худ ман шудам ҷудо,
Пистон ниҳод бар лаби ман дояи фалак.
Меҳрам наяст дар дили ин модарандарам,
Хунам диҳад ба ҷои шир ин золи бенамак.

Ман аз забони модарам дуздида вожаҳо,
Ман бо забони модарам гӯям таронаҳо.
Аз як баҳори модарам дуздида сад баҳор,
Ман аз баҳори модарам дорам нишонаҳо.

Тӯмори сабзи баргҳо дар гардани дарахт,
Тӯмори сабзи модарам дар гардани ман аст.
Марҷони ашки абрҳо дар домани дарахт,
Марҷони ашки модарам дар домани ман аст.

## ШУКРОНАҲО

Зи тарси хоби бепоёни уқбо

Ман аз сар хобҳоямро паронам
Саҳар дар марғзори сабзи Қуръон
Ғизоли чашмҳоямро чаронам.
Гули маънӣ аз ин гулгашт чинам,
Ки ин гулгашт беҳ аз рӯи дунёст;
Ҳамин шукронаи чашмони биност.

Ба зиндоне, ки унвонаш даҳон аст,
Зи дандон дорад он девори сангин;
Нигаҳ дорам забон аз туҳмату кизб,
Ва озодаш кунам дар ҳарфи ширин;
Намебинам варо шукрона ҷуз ин.

Дар ин дунё, ки номаш зиндагонист,
Чу моҳӣ ман шино бинмуда хомӯш
Пайи шукронаи гӯшам ҳамеша
Зи фаҳшу лағву ғайбатҳои мардум
Худамро бар карӣ андозам, аммо
Суханҳои азизонро диҳам гӯш...

Шавам ман дасти бедастони дунё,
Шавам ман пойи бепойони олам.
Ҳамин шукронаи дастони гирост,
Ҳамин шукронаи поҳои пӯёст.

## ЭЙ ХУДО!

Эй Худо, гӯшам бидеҳ,
То бишнавам симфониёи моҳиёни безабонро;
Бишнавам, то барг бо шохи дарахт
Дар кадомин боб суҳбат мекунанд.
Мӯрҳои донакаш ҳангоми вохӯрдан ба роҳ
Шиква ё шодӣ зи заҳмат мекунанд?
Эй Худо, гӯшам бидеҳ,
То бишнавам тасбеҳи ҷумла қудсиёнро.

Эй Худо, чашмам бидеҳ,
То бубинам ҳашт боғи хандарези ҷаннатат,
То бубинам ҳафт водии махуфи дӯзахат.

Эй Худо, дастам бидеҳ,
То дасти кӯтоҳам расад бар доманат,
Донаи мақсуди худро бозёбам аз миёни хирманат.

Эй Худо, дил деҳ маро,
То ки дигар дил тапад дар синаам,
То раҳо созам ман аз сина дили пуркинаам.

Эй Худо, сар деҳ маро,
То ақли ман ояд ба ҷо,
Ту забонам деҳ, ки гӯям меҳрубонии Туро...

## ДАРЁ

Рӯзу шаб Мансури дарё
Шустушӯ дорад тафаккурҳои худро дар
сари сангони лайс,
Мезанад бар ҷомаи харсанг собун;
Ҷомаҳои сабзи ғуконро бишӯяд
Бо лабони кафколуд
Чирки сангонро канад бо чангу нохун.

Мезанад дарё талоло
Чун Ҷунайду Боязид.
Аҳмади Ҷомист ӯву ҷомҳои мавҷҳоро бишканад,
Чун қаландар сар ба сангон мезанад.

Сахт мехоҳам, ки ман ҳам мисли дарё
Маст бошам
Солҳои сол,
Асрҳои аср.
Ман занам бехуд талоло

Аз ҷамоли Ҳақтаъоло.
Рӯзу шаб шӯям тафаккурҳои худро
Мисли дарё.

## ДАРСИ КУШОД

Баҳори сабзхат аз имтиҳони охирини пири
Дай бигзашт,
Зимистон ҷои худро бар муриди навхаташ
биспурд
Ва худ бо хотири ҷамъаш ҳамоно мурд;
Ва зоғони сияҳпӯшу кабӯтарҳои азрақпӯш
Варо бо нолаҳою гиряҳои абру боронҳо
гуселонданд,
Ба он хоне, ки сар зад растахези навбаҳор, ӯро
бигӯронданд.
Сипас бар хонаҳои куҳнаи саҳро баҳор омад,
Чу Монӣ дар бараш Аржанги пурнақшу нигор
омад.
Муридон-рӯду мурғу офтобу абру боронҳо
Ҳама бар хонақоҳаш омаданд аз нав
Баҳори сабз бар танҳои онон хирқаҳои сабз
пӯшонид,
Бигуфто: корвони рушдро дар кӯҳу саҳроҳо
биҷунбонед!
Ба дасти ҳар кадоме дод як хатти рашоди сабз,
Ба дасти ҳар кадоме дод як барги сафарнома.
Ба дасти ҳар кадоме дод як дипломи сабзеро,
Ки то гӯянд дарси тозае дар мактаби саҳро,
Ки ороянд маҳфил аз ҳисоби сабзаву гулҳо.

Кунун дар мактаби саҳро
Ва донишгоҳи боғу маҳфили гулҳо
Надонам рӯд бар гӯши дарахтону ниҳолонаш
чӣ мегӯяд,
Надонам мурғ бар гӯши гулу ғунча чӣ мехонад?

Надонам аз гитору торҳои зарҳалии Офтоб акнун
Ба гӯши сабзаву себаргаи саҳро
Кадом оҳанги нотакрор мерезад?

Надонам бо кулоҳи оҳарияш хоч
Кадом оҳанги табли раъдро фаҳмида мехезад?
Намедонам ба гӯши ровaҳо борон чӣ мегӯяд?
Надонам бар саволи абрҳо торон чӣ мегӯяд?

Хуш он кас, ки саҳартар хезад аз шабнам,
Гузорад ҳамраҳи мурғон намози бомдодашро.
Равад бар мактаби саҳрову донишгоҳи боғу
маҳфили гулҳо,
Кунад таҳлил ин дарси кушодашро.

## ЧАШМИ ГУЛ

Дар чунин субҳе, ки ҳар як мурғ бигзорад намоз,
Дар чунин ҳолат, ки ҳар як мурғ мехонад Забур,
Ман намози мурғаконро гӯш карда,
Носабурам, носабур.

Ин саҳар дарёи кӯҳӣ Боязиди сонӣ аст,
Меравад андар суроғи ёри худ.
Ман тиловатҳои дарёро шунида,
Меравам аз худ.

Дар чунин фасле, ки гул чашмаш кушод,
Эй Худо, чашмам кушо.
То бихонам сафҳаҳои баргҳоро.
То бубинам акси ту дар ҷоми гул,
Офтобо, рӯ намо!
Дар чунин соат, ки занбӯри асал масти гул аст,
Ҳайф меояд зи ҳушёрӣ маро.

Ин дарахти пир як рӯҳонияст,

Барг бошад чун салиби сабз андар гарданаш.
Мурғи ҳақ бонги «аналҳақ» мезанад,
Дар гулӯи шаб бупечад шеванаш.

Дар чунин фасле, ки ҳар кас ёр меҷӯяд, чаро
Айб набвад фориғ аз савдои ӯ будан маро?!

## БА НАМРУДТИНАТОН

Эй ду-се намрудтинат,
Боки ман ҳамчун Халил аз оташи Намруд нест.
Чунки андар даштҳои маргзои тинати хушки
шумо,
Чингае аз баҳри дандон кофтан дигар намонд.
Боки ман аз оташу аз дуд нест,
Боки ман аз оташи кину ҳасадҳои шумост!

Лоҷарам, пинҳон бидорам ман Халили табъи худ,
Дар панохи болҳои Ҷабраили дафтарам.
Дафтари кори шумо тангӣ кунад бар вусъати
пиндори ман,
Ман ба рӯи дафтарам рӯ оварам.

Ман парида аз миёни оташи кину ҳасадҳои шумо,
Бо Халили табъ доим мекашам озори шеър.
Гар Худо бошад нигаҳбони сарам,
Мешукуфад аз миёни оташи кину ҳасадҳои шумо-
Гулзори шеър!

## СОЛИ ХУШК

Эй абрҳои зунг,
Эй ноқаҳои маст, ки дар дашти осмон
Беҳуда мечаред,
Обистанӣ зи ёдатон оё ки рафтааст?
Ё нутфаи маҳини абри дигаре,

Дар батнатон бимурд?!

Ё ин ки аз палидиҳо ин хок шуд палид,
Бар домани намозии ин хок ҷо намонд?
Тарсонданист ё Худо ин қавмро зи худ,
Чун дар сиришти бандагон тарс аз Худо намонд?!

Аз синаҳои сабзи ту, эй абр, аз чӣ рӯ,
Бар коми тифли сабзаҳо шире намечакад?
Гирам, ки ман ҷавонаму ҷурмам бувад фузун,
Борон чаро ба ҳотаи пире намечакад?!

Мурдаст шамъи лолаву гул бе чароғи ту,
Эй барқи кӯр, бешарар аз чист чашми ту?
Табли сафеди хоч ҳам аз хок сар назад,
Эй раъди гунг, аз садо мондаст хашми ту.

То кай ба рӯзи хушкатон ман гиря мекунам,
Эй абрҳои зунг?!
То кай ба шоми торатон сӯзам чу шабчароғ,
Эй барқҳои кӯр?!
То кай ба гӯши каратон сар медиҳам фиғон,
Эй раъдҳои гунг?!

## ХОБИ САҲАР

Саҳар Шайтон ба болои ману ту пӯстинашро
бипартояд,
Ки рӯҳи коҳили мо дар саҳаргоҳон биосояд.
Тани мо зери ин кӯҳи гарони хоби мо монад,
Ба вақти қисмати нону насиби хеш мо ғофил
шавем аз Ҳақ,
Бимонад кори мо аз рушду аз равнақ.
Саҳар Шайтон ба бехи гӯшҳомон пунба мекорад,
Ки гӯши мо садое аз Хурӯси арши аъло нашнавад,
эй дӯст.

Ба чашми мо зи шаҳди хоби ширин шира мемолад,
Ки чашми мо ҷамоли субҳи тиллорезро нодида
ғофил биғнавем, эй дӯст.
Агар ту аз Худо тарсӣ,
Саҳартар хезу гӯш андоз,
Ду гӯши хеш бар бонги Хурӯсу он сурӯш андоз:
Ба ҳангоме ки аз дарёи шири моҳтоби субҳи аввал,
Саъваҳои зарди ахтарҳо,
Тани худро ҳамешӯянд,
Ба ҳангоми намози хеш дар домони сабзи осмон онҳо,
Ба умри як шаби дар анҷуман бигзаштаи худ
шукр мегӯянд,
Хурӯси арш ҳам болу параш афшондаву фарёд месозад,
Ба монанди муаззини фалак бонги азон эҷод месозад:
Азони аввалини ӯ чунин бошад,
Ки аз хоби гарони бесамар хезед, оқилҳо!
Азони дуввумини ӯ чунин бошад,
Ки чун Хуршед бар поси саҳар хезед, ғофилҳо!
Азони саввумини ӯ чунин бошад,
Ки гар доред фикри ризқу рӯзие ба сар, хезед, коҳилҳо!
Азони охирину вопасини ӯ ҳамин бошад:
Шумо ҳам дар шумори мурдаҳо ҳастед, ҷоҳилҳо!

Хурӯсони замин бонги варо такрор месозанд,
Ба бонги хеш мардони худоро ҳар саҳар бедор
месозанд.

## ҶУДОӢ

Шира баста чашми мурғон,
Чашми гулҳо гард дорад.
Мисли ман абри парешон,
Дард дорад, дард дорад.

Як назар кардам ба саҳро,
Сабзазорон бетароват.

Чашм афкандам ба дарё,
Моҳиёнаш беҳаловат.

Ҳамчу дуди мӯрии танг
Дар гулӯ печад фиғонам.
Роҳи худро мекунад гум
Об ҳам то новадонам.

Ин саҳар овози булбул
Мехарошад гӯшҳоям.
Аз таҳи поям замин рафт,
Худ намедонам куҷоям.

Сӯзани сӯзони хуршед,
Мехалад бар пайкари ман.
Дар қатори хонаи гунг,
Чарх мегардад сари ман.

Ҳалқаи ин осмон танг,
Бар маҳу бар ахтарон танг.
Хонумо, аз хона рафтӣ,
Бе ту бар ман хонумон танг.

Чун биёзам даст бар май,
Майнаам меҷӯшад аз ғам.
Ман туро кам карда-карда,
Мешавам кам, мешавам кам...

## ПАЗМОНИ КӮҲ

Дар хонаи ҳамчу қуттии гӯгирдам
Мешинаму ёд мекунам аз хуршед.
Аз чашмаки тирезаи ман мегузарад
Оҳиставу нарм уштури абри сафед.

Аз баҳри замини сабзи чун маъшуқа,

Он абри сафед номаи гардун аст.
Азбаски ҷудост аз бари маъшуқаш,
Як умр кабуд ҷомаи гардун аст.

Ҳамсоязане зи ғуфрааш резад об,
Бо дарду алам ёд кунам аз борон.
Кӯҳи ғаму ғуссаам агар зер кунад,
Дил гиря кунад ба ҳасрати кӯҳсорон.

Ин болиши хордори хирс[2] аз кӯҳсор
Омад, ки маро зи чашм эмин дорад.
Ҳушам биравад ба қолини сабзаву гул,
Он ҷо ки «ҷаноб»-и хирс болин дорад.

Хобам бипарад зи хонаи бетонӣ
Бар хотири ман расад агар козаи кӯҳ.
Печад нафасам мисоли дуде ба гулӯ,
Гар бод наёрад нафаси тозаи кӯҳ.

Кабке, ки миёни қафасам мехонад,
Хунёгари беҳтарини кӯҳистон аст.
Хунё кунаду зи дидааш борад хун,
Хуни ҷигараш зи дидааш резон аст.

Аз чойи кабуди чойҷӯши барқӣ
Чун тармаи кӯҳ мизоҷи ман сард шудаст.
Бар ёд расад пиёлаи чойи алав,
Зеро ки сарам гарону пурдард шудаст.

Он ҷо ки баҳори зиндагӣ шуд пойиз,
Ман гиря кунам ба ҳасрати рӯйи баҳор.
Кокутии сабзи тӯбакам дар балкон
Фарзанди деҳ асту мекунад бӯйи диёр.

[2] **Болиши** хирс – гиёҳи лӯлашакли хордорест, ки алайҳи чашмзахм дар пештоқи дару дарвозаҳо меовезанд. **(Муаллиф).**

Дар шаҳраки хурди гапкалон, сад афсӯс,
Аз кашмакаши ҷамарғаҳо пир шудам.
Эй кӯҳ, маро бигир дар оғӯшат,
Зеро ки ман аз мусофирӣ сер шудам.

## МАРГИ БЕГУНОҲӢ

Намедонам сухан чун созам оғоз,
Дилам чун хонаи матрук холист.
Намедонам, ки шодӣ бар куҷо рафт,
Ки дар ин хона бо уммед мезист?!

Агарчи ин ҷаҳон ҳафтод ранг аст,
Намебинам варо ғайри ду рангаш.
Сиёҳӣ бо сафедӣ мекунад ҷанг,
Нафорад даҳр бо чарми палангаш.

Ба чашми ман, ки будам дӯш ошиқ,
Ҷаҳон саршор буд аз сурати ишқ.
Садои ишқ меомад зи саҳро,
Чаман лабрез буд аз накҳати ишқ.

Тиҳипо медавидам ҷониби боғ,
Ки то хонам зи ҳар барге хати ишқ.
Ба гӯшам мерасид аз шохи ҳар нахл
Зи минқори мусича ояти ишқ...

Барои ман дар он дунёи зебо,
Ту дастури илоҳӣ будӣ, эй ишқ!
Туро куштанд монанди Сиёвуш,
Ту марги бегуноҳӣ будӣ, эй ишқ!

# ИБРОҲИМИ НАҚҚОШ



*Иброҳими Наққош (Иброҳим Хоҷаев) 28 апрели соли 1969 дар шаҳри Панҷакент таваллуд ёфтааст.*

*Ӯ баъд аз хатми мактаби миёнаи №47-и шаҳри Панҷакент соли 1984 ба омӯзишгоҳи касбию техникии №36-и шаҳри Панҷакент дохил шуда, онро соли 1987 хатм кардааст.*

*Намунаи ашъораш дар маҷмӯаҳои дастаҷамъӣ ва маҷаллаву рӯзномаҳо чоп шудааст.*

*Маҷмӯаи нахустинаш «Пиёла қандамро хӯрд» (Панҷакент, 1998), маҷмӯаҳои дигараш «Саду як ғазал» (Ирфон, 2010) ва «Шикасти ранг» (Адиб, 2010) чоп шудааст. Инчунин, зиёда аз ҳаштод асари таҳиякардаи адабӣ ва диниву ахлоқии ӯ манзур ва писанди хонандагони ҷумҳурӣ гардидаанд, ки аз байни онҳо ин асарҳо: «Адаб тоҷест аз нури Илоҳӣ», «Китоби дуову салавотҳо», «Қиссаҳо аз рӯзгори Имоми Аъзам», «Дуррату-л-воизин» (қисмҳои саввуму чаҳорум), «Китоби дуоҳо» (дар панҷ қисм), «Маноқиби Шайх Абдулқодири Ҷелонӣ ва девони эшон», мунтахаби «Саду як ғазал»-и Аттор, Зебуннисо, Мушфиқӣ, Ҷунунӣ ва ғайраро метавон ном бурд.*

*Ӯ мураттиби тазкираҳои «Накҳати куҳандиёри Ҳафткӯл» (Душанбе, 2008), «Гулчини ғазал» (Ирфон, 2010), «Гулшани ғазал» (Ирфон, 2011), «Армуғони ғазал» (Ирфон, 2012), «25 гуфтор» (Ирфон, 2016), «Наврӯзи Зарафшон» (Ирфон, 2017) ва «Суханварони Зарафшон» (Ирфон, 2019) мебошад.*

*Иброҳими Наққош хаттот буда, хати форсиро хубу зебо менависад, ки «Баёзи Иброҳими Наққош» (Хуҷанд, 2006) намунаи беҳтарини ин ҳунари волои ӯст.*

## АЗ ДАФТАРИ ҒАЗАЛ

Ҳар куҷо дардест, аҳли дард пайдо мешавад,
Бо хазон дар боғ ранги зард пайдо мешавад.
Ҳамнабарди Рустами Дастон ба ҷуз Сӯҳроб нест,
Ҳар куҷое мард бошад, мард пайдо мешавад.
Гармӣ аз сардӣ намехезад, намедонам, чаро
Аз дили пурдард оҳи сард пайдо мешавад?!
Орзуи бекаронам ранҷҳо дорад зи пай,
Оре, з-анбӯҳи саворон гард пайдо мешавад.
Саъду наҳси рӯзгори кас на з-истеъдоди ӯст,
Қиматаш з-ин хонаҳои нард пайдо мешавад.
Фарқ байни шоири машҳуру номашҳур чист?
Дар миёни шеър байти фард пайдо мешавад.
Хомаи Соиб надорам, нозукиҳои Камол,
Заъфи ман з-ин назми раҳовард пайдо мешавад.
Ман намегӯям сухан, Наққош, дар боғи дилам
Лафзҳо бо лутфи Ӯ чун вард пайдо мешавад.

* * *

Эй писар, ҳаргиз насиҳатгӯ мабош,
Пеши кас ойинаи дурӯ мабош.
Тоқати подош н-орӣ, бад макун,
Хӯйи некон пеша кун, бадхӯ мабош.
Дар тилисми зиндагӣ андеша кун,
Бе яди байзо бари ҷоду мабош.
Хонумон хоҳӣ, зани хушхӯ талаб,
Ошиқи ҳар духтари гулрӯ мабош.
Носипосӣ қадри мардон кард паст,
Ғарраи ҷоҳу зару бозу мабош.
Ноаёнат мерасад пайки аҷал,
Ғофил аз ҳамроҳи дар паҳлу мабош.
Ташнаи дунё набинад ҷуз сароб,
Ошиқи маккораи бешӯ мабош.
Мӯшикофӣ пеша кун Наққошвор,
Ғофил аз ойинаи зону мабош.

* * *

Хоҳӣ агар хуррам шавӣ, аз мурданат андеша кун,
Тоҷи сари олам шавӣ, аз мурданат андеша кун.
Дорӣ агар сад корҳо, дар матлабат душворҳо,
Фотеҳи барру ям шавӣ, аз мурданат андеша кун.
Аз дил барӣ кибру манӣ, гардӣ дур аз аҳреманӣ,
Фориғ зи мадҳу зам шавӣ, аз мурданат андеша кун.
Тоат намоӣ бериё, аз сар ниҳӣ ҳирсу ҳаво,
Бар таври кулл одам шавӣ, аз мурданат андеша кун.
Монанди Мӯсои Калим дар ҷанги ин нафси лаим,
Пирӯзу ҳам хуррам шавӣ, аз мурданат андеша кун.
Бар Арш монӣ пойи худ, бинӣ аён кашфу шуҳуд,
Бо қудсиён маҳрам шавӣ, аз мурданат андеша кун.
Раҳ ёбӣ сӯйи ломакон, дар Сидра гардӣ парфишон,
Бо Ҷабраил ҳамдам шавӣ, аз мурданат андеша кун.
Он ҷо майи аҳмар занӣ, сад таъна бар Кавсар занӣ,
Бар дарди худ марҳам шавӣ, аз мурданат андеша кун.
Асрори Ҳақ шодат кунад, чун хулд ободат кунад
То ҷовидон беғам шавӣ, аз мурданат андеша кун.
Наққош, нақши авлиё бар дида созӣ тӯтиё,
Хулфи бани Адҳам шавӣ, аз мурданат андеша кун.

* * *

Дар ин дунёи пурармон бепарво шудан беҳтар,
Чу санги хора аз борон бепарво шудан беҳтар.
Таманноҳои беҷо аз нигоҳи чашму дил хезад,
Зи тазвири накӯрӯён бепарво шудан беҳтар.
Садои пойи умри худ касе нашнид дар олам,
Пайи мақсуд чун тӯфон бепарво шудан беҳтар.
Насоеҳи гарон хоҳӣ, бар абнои замон бингар,
Чу санги сахти кӯҳистон бепарво шудан беҳтар.
Зи ҳарфи дӯсту душман машав навмеду ҳам мағрур,
Радифи сурати беҷон бепарво шудан беҳтар.
Муаммои ҷаҳонро нағмаи мизроб медонад,
Ниҳода гӯш бар фармон, бепарво шудан беҳтар.
Зи марги хеш гар андешиву н-андешӣ, меояд,
Ба қурбонгоҳ чун ҳайвон бепарво шудан беҳтар.
Зи вазъу ҳоли носомон то кай хуни дил хӯрдан?

Чу кӯру карру нофаҳмон бепарво шудан беҳтар.
Мароми зиндагӣ якранг агар мехоҳӣ, эй Наққош,
Дар ин гаҳвора чун тифлон бепарво шудан беҳтар.

* * *

Кӯлбори ишқро ҷинси вафо бошад зарур,
Хонаи ойинаро нури сафо бошад зарур.
Оқибат ғамхонаро кохи тарабангез кард,
Ишқро осори хоси бериё бошад зарур.
Куфри неъмат мебарад аз каф наиму роҳаташ,
Рӯзии ҳаррӯзаро шукри Худо бошад зарур.
Субҳи тифлӣ ибтидои рӯзи маҳшаргоҳи туст,
Шоми пириро ҳамин ҳукми қазо бошад зарур.
Омаданҳои ту бар дунё далели рафтан аст,
Бар маризи иллати ҳастӣ даво бошад зарур.
Номаи аъмолро аз ҷинси исён кун тиҳӣ,
Зикру истиғфору тасбеҳу дуо бошад зарур.
Миси мо, Наққош, умре эътибори худ наёфт,
Баҳри ин иксири меҳри Мустафо бошад зарур.

* * *

Умри дароз дорӣ, бар навҷавон дуо кун,
Ризқи фароз дорӣ, бар нотавон дуо кун.
Ин кофару мусалмон чун одамисириштанд,
Ҳаввосифат чу модар бар ину он дуо кун.
Расми ҷафои нодон аз даври Нӯҳ монда,
Бо расми хуби Қуръон баҳри ҷаҳон дуо кун.
Имрӯз хуш нишастӣ бар маснади Фаредун,
Шукри нишоту айшат баҳри замон дуо кун.
Дар гардиш аст ҷомат чун маҷлиси Ҷаму Кай,
Баҳри ятими зору муштоқи нон дуо кун.
Гар марди зӯрҷангӣ чун Рустами диловар,
Баҳри ҳаёти ширин, баҳри занон дуо кун.
Аҳлу аёлу хешат яксар ҳама ба пешат,
Ёд ор аз ғарибон, бар бекасон дуо кун.
Осори рафтагонро нақши қадам гувоҳ аст,
Эй Хизри зиндагонӣ, бар рафтагон дуо кун.
Махмури бодаи ишқ шӯри Масеҳ дорад,

Сероби базми ирфон, бар ташнагон дуо кун.
Наққош, умри рафта сатри хуше надорад,
Бо тавбаву надомат бар Мустаон дуо кун.

* * *

Пеши ноаҳл аз накӯӣ шумрӯ афтодаем,
Кулбаи вайронаро нақши накӯ афтодаем.
Халқи оламро зи илми мо футӯҳе дигар аст,
Ин аҷаб бингар, ки аз нашъунумӯ афтодаем.
Хӯю атвори малоик доштанд аҷдоди мо,
Мо чаро аз бетамизӣ тундхӯ афтодаем?!
Сояи ҳамро тарошем аз замину осмон,
Якдилу ҳамхона бо хасму адӯ афтодаем.
Бо риёву ғайбату буҳтону кибру манманӣ,
Гарчи якрӯем, пеши ҳам дурӯ афтодаем.
Аз маҳалбозӣ намедонем расми иттиҳод,
З-ин хисоли зишт яксар кӯ ба кӯ афтодаем.
Сархушам, Наққош, аз паймонаи Аршад, ки гуфт:
«Мо дар ин майхона бо Ҷам рӯ ба рӯ афтодаем».

* * *

Ҳадиси рӯҳбахше аз Худои зинда мехоҳам,
Ҷимодистони дунёро фазои зинда мехоҳам.
Дар ин дунёи маснӯӣ, ки роҳат нест комашро,
Чу гулҳои чаман нашъунамои зинда мехоҳам.
Ду-се рӯзе нафас дар синаам банди қафас монда,
Ман он симурғи ирфонам, самои зинда мехоҳам.
Фиреби нафси шаҳвонӣ маро дар зулмат оварда,
Ало, эй Хизри раҳбар, раҳнамои зинда мехоҳам.
Ба чанги зулмати ҷаҳлу дурангиву дуӣ хор аст,
Ҷаҳони маърифатро истилои зинда мехоҳам.
Ба хубони ҷаҳон дил дода бар хоби адам рафтам,
Насими кимиё аз дилрабои зинда мехоҳам.
Ба пайкори силаҳшӯрони роҳиаҷнабирафта,
Чу Мӯсо дар яди байзо асои зинда мехоҳам.
Нишони интиҳои хуб шуд аз ибтидо пайдо,
Илоҳо, ибтидоро интиҳои зинда мехоҳам.
Барои зиндагону рафтагони кишварам, Наққош,

Зи даргоҳи Худо ҳар шаб дуои зинда мехоҳам.

* * *

Нишони одамӣ кам гашту номи Аҳраман гум шуд,
Адӯ чун ошно гардид, ҷанги мову ман гум шуд.
Ба чашми ошиқон бепарда то шуд ҳусни маҳрӯён,
Ҳадиси Бесутун бегона гашту Кӯҳкан гум шуд.
Лаби ноне намебахшад касе баҳри Худо холис,
Мурувват аз дили мардум чу рӯҳе аз бадан гум шуд.
Нишони ҷоҳу сарват медиҳад алломаи даврон,
Раҳи тақвою ҳақ аз соҳибони илму фан гум шуд.
Бишуд то касби тоат рӯзии ҳаррӯзаи ҷамъе,
Тамизи обиди бутхонаву Вайси Қаран гум шуд.
Зи Қуръон ғайри савти хуш намеҷӯянд дар маҳфил,
Румузи маънии хос аз қулуби марду зан гум шуд.
Барои мурда мехонанд оёти Каломи Ҳақ,
Агарчи бе намозу рӯза умраш дар заман гум шуд.
Дуоҳоро иҷобат неву дармони мараз камтар,
Тариқу раҳнамоиҳои пирони куҳан гум шуд.
Ту ҳам, Наққош, як фарде зи гумроҳони давронӣ,
Насиҳат кун ту худро, ҳарфат оё аз даҳан гум шуд?!

* * *

Гар мусалмонӣ, ту ҳар касро дуои бад макун,
Фосиқу бадбахту нокасро дуои бад макун.
Баҳравар хоҳӣ, ки гардад з-ин ҷаҳону он ҷаҳон,
Модаро, фарзанди наврасро дуои бад макун.
Хонаи обод дориву нигори нозанин,
Хонабардӯшони бекасро дуои бад макун.
Гар дуоят носазо бошад, бигардад бар сарат,
Хушзабоно, лолу ахрасро[3] дуои бад макун.
Кӯшишат ҳеч аст бо идбору иқболи ҷаҳон,
Пешсаф бошӣ агар, пасро дуои бад макун.
Гар ду олам сайр созӣ ҳамчу Мавлонои Рум,
Хонумонбардӯши помасро[4] дуои бад макун.

---

[3] **Ахрас** – гунг, лол.

Чун надорӣ эҳтироми дину кеши дигарон,
Расму ойини муқаддасро дуои бад макун.
Нашъаи озодии дунё чу овардат ғурур,
Ғамкашони банду маҳбасро дуои бад макун.
Чун надорӣ рутбаи радду қабули неку бад,
Зоҳиду ринду муханнасро дуои бад макун.
Қубҳу замми халқро Наққош н-орад бар забон,
Холиқи чархи муқарнасро[5] дуои бад макун.

* * *

Аз бешу ками дунё навмед мабош, эй дӯст,
Аз фақру ғами фардо навмед мабош, эй дӯст.
Ҷое, ки Худо дорӣ, имону ҳудо дорӣ,
Кай бекасиву танҳо? Навмед мабош, эй дӯст.
Дунёи пураржангат, пуршӯру шару шангат,
Хобе бувад у руъё, навмед мабош, эй дӯст.
Сад макри ниҳон дорад, ҳам тиру камон дорад,
Ин мову ту нобино, навмед мабош, эй дӯст.
Ишқи рухи ҷонона дурӯзаву афсона,
Ҳосил набувад маъно, навмед мабош, эй дӯст.
Ишқат гузарон бошад, чашмат нигарон бошад,
Судат надиҳад савдо, навмед мабош, эй дӯст.
Ойини мусалмонӣ, ҳам ҷавҳари инсонӣ,
Гумраҳ накунад асло, навмед мабош, эй дӯст.
Аз хасмии Аҳриман андар рагу қалбу тан,
Эмин нашаву коно, навмед мабош, эй дӯст.
Розат ба Худо мегӯ, дар субҳу масо мегӯ,
Ӯ бо ту бувад ҳар ҷо, навмед мабош, эй дӯст.
Наққош диҳад пандат, дунё бидиҳад фандат,
Бар хеш назар бикшо, навмед мабош, эй дӯст.

* * *

Раҳбалад аз ҳоҷиён пул меканад,
Раҳбар аз хонандагон пул меканад.

---

[4] **Помас** – пойбаставу дармонда бувад ба шуғле, ки на битавонад шудан, на битавонад будан. ***(Луғати Фурс).***
[5] **Муқарнас** – кунгурадор.

Пул канад хонанда аз мому падар,
Духтаре аз навҷавон пул меканад.
Дар қади роҳи ниҳон ё шоҳроҳ
Нозир аз ронандагон пул меканад.
Зери теғ оварда ҳар беморро,
Он табиби «меҳрубон» пул меканад.
Айбҳоро ҷуста шахсан ревизор,
Аз директори калон пул меканад.
Ҳар яке оварда сайдашро ба даст,
Мустақиман ройгон пул меканад.
Маст гашта соҳиби як хонадон,
Аз зану аз кӯдакон пул меканад.
Ман надонам то ба кай дар ин ҷаҳон,
Он аз ину ин аз он пул меканад?!
Лек бодо лаънати Ҳақ баҳри он,
К-ӯ зи шахси нотавон пул меканад.

* * *

Эй ёри ҷонӣ, аз бари мо меравӣ, марав,
Эй субҳи зиндагонӣ, аз бари мо меравӣ, марав.
Хандидани ту бар гули фитрат нишот рехт,
Эй базми ҷовидонӣ, аз бари мо меравӣ, марав.
Аз мақдамат ба гулшани қалбам баҳор рехт,
Эй шохи арғувонӣ, аз бари мо меравӣ, марав.
Афсона дошт хотирам аз суҳбати хушат,
Эй вожаи маонӣ, аз бари мо меравӣ, марав.
Чун Шамси хушлиқову чу Рӯҳу-л-амини ҷон,
Дар роҳи бенишонӣ аз бари мо меравӣ, марав.
Як диданат зи хотирам сабру қарор бурд,
Иксири шодмонӣ, аз бари мо меравӣ, марав.
Рӯзе ду-се, ки аз пайи дидорат омадам,
Буданд онҷаҳонӣ, аз бари мо меравӣ, марав.
Бар пешвози пирию мӯйи сафеду ғам
Чун фасли навҷавонӣ аз бари мо меравӣ, марав.
Наққошрост бе гули рӯят хазони ишқ,
Чун фасли комронӣ аз бари мо меравӣ, марав.

* * *

Эй биҳиштирӯ, туро бисёр мехоҳам, биё,
Мақдаматро сабзаву гулзор мехоҳам, биё.
Ҳамчу нақши зинда рӯйи парниёни ёдҳо
Ҷоят андар пардаи дидор мехоҳам, биё.
Ин даму имрӯзу фардо дар шумори омадат,
Рафтанатро дар шумори пор мехоҳам, биё.
Сатри номафҳуми дарси ошиқиву ишқро
Назди устоди хатат такрор мехоҳам, биё.
Дар тараб орад вуҷудамро адову нози ту,
Бар лабонам аз лабат осор мехоҳам, биё.
Бахти хоболудаамро бо садои мақдамат
Ҳамчу субҳи ошиқон бедор мехоҳам, биё.
Ин ғазал аз гуфтаи Наққош дар васфи рухат
Зеббахши дафтари ашъор мехоҳам, биё.

* * *

Эй дилрабо, дил мебарад шӯху дилоро буданат,
Фанду фиребам мекунад фанду фиребо буданат.
Нозам ба ту, эй нозанин, эй мақдамат гулофарин,
Ҳусни гул афзун мекунад дар байни гулҳо буданат.
Назми вуҷудат хондаам, садҳо дурудат хондаам,
Шеъру сурудат хондаам з-оҳанги зебо буданат.
Чашми хушат дил мебарад, ҳар гуна мушкил мебарад,
Чун хатти ноқил мебарад барқи таҷалло буданат.
Рамзи ту пайдо мекунам, розам ҳувайдо мекунам,
Васлат таманно мекунам боби таманно буданат.
Наққош, гуфторат хуш аст, тавсифи ашъорат хуш аст,
Назми шакарборат хуш аст, ҳамрози анқо буданат.

* * *

Эй писар, бар духтари мардум нигоҳи бад макун,
Бар зану бар хоҳари мардум нигоҳи бад макун.
Модари ҳамсояатро ҳамчу модар пос дор,
Чун гадо бар аксари мардум нигоҳи бад макун.
Ҳадяи тақдир бошад толеи иқболу бахт,
Аз ҳасад бар ахтари мардум нигоҳи бад макун.
Шодкомии ҳаётатро қаноат бас бувад,
Бар пулу бар доллари мардум нигоҳи бад макун.

Бурдаи ноне бароҳат то насибат мешавад,
Бар кабобу шаккари мардум нигоҳи бад макун.
Ғайбати муъмин гунаҳ меораду буҳтон – зарар,
Бар гуноҳу кайфари мардум нигоҳи бад макун.
Ҳосид аз дунё ба уқбо рафт бо чашми тиҳӣ,
Бар ҳаёту зевари мардум нигоҳи бад макун.
Чашму қалбатро ҳамеша дар ҳақиқат пок дор,
Бар Худову сарвари мардум нигоҳи бад макун.
Чун гуноҳу аҷри ҳар кас ҳаст подоши амал,
Бар савобу маҳшари мардум нигоҳи бад макун.
Гуфтаи Наққошро чун ганҷу гавҳар кун қабул,
Бар гумону бовари мардум нигоҳи бад макун.

## МУХАММАСИ ИБРОҲИМИ НАҚҚОШ БАР ҒАЗАЛИ АЛИИ МУҲАММАДИИ ХУРОСОНӢ

Хокро иксири аъло мекунӣ, бо мо бикун,
Хорро гулзори раъно мекунӣ, бо мо бикун,
Рӯҳбахшӣ чун Масеҳо мекунӣ, бо мо бикун,
«Ҳуснро бо ишқ савдо мекунӣ, бо мо бикун,
Аҳдро дар ҳадди Лайло мекунӣ, бо мо бикун».

Пок дорӣ аз кудурат хонаи ойинаат,
Мебарад то қуллаи одобу таҳсин зинаат,
Мефизояд нури қалбам аз дили бекинаат,
«Аз вафо боғи муҳаббат парварӣ дар синаат,
Покбозеро дар он ҷо мекунӣ, бо мо бикун».

Бо сафои чеҳраву он ғабғабу оҷи гулӯ,
Бо нигоҳи дилфиребу он лабони бӯсаҷӯ,
Бо хироми қомати зебову рухсори накӯ,
«Завраќи уммедро бо бору барги орзу
Шаҳсавори мавҷи дарё мекунӣ, бо мо бикун».

Покбозон масти рӯйи соқиву ҷоми Ҷаманд,
Бетамизон ғофил аз андешаи бешу каманд,

Ноқисон сарчашмаи бедоду ошӯбу ғаманд,
«Нокасону бераҳон андар шикасти оламанд,
Оқилӣ, тармими дунё мекунӣ, бо мо бикун».

Дар муҳаббат мухтасар бошам, маро нодида гир,
Ғофилонро дар назар бошам, маро нодида гир,
Хусравосо бо Шакар бошам, маро нодида гир,
«Камтар аз Юсуф агар бошам, маро нодида гир,
Меҳрубонии Зулайхо мекунӣ, бо мо бикун».

Ишқро, Наққош, ҷуз ҳиҷрон салои тоза нест,
Чунки рӯзи ошиқонро муддату андоза нест,
Баҳраи ошиқ зи ишқи ёр ҷуз овоза нест,
«Ай Хуросонӣ, диёри ишқ шашдарвоза нест,
Якдар аст, оҳанги савдо мекунӣ, бо мо бикун».

## НУРИНИСО



*Акрамова Нуринисо Акбаровна 1-уми январи соли 1964 дар оилаи зиёӣ дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд ба дунё омадааст.*

*Ӯ соли 1980 муассисаи таълимии рақами 16-и деҳаи Қалъаи Баландро хатм кардааст.*

*Нуринисо таҳсилро дар Донишкадаи санъати ҳунарҳои зебои ба номи Мирзо Турсунзода идома додааст. Шавқи донишомӯзӣ дубора ӯро соли 2005 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ меорад ва соли 2010 онро бо ихтисоси педагогика ва писихология хатм намудааст.*

*Соли 2016 хизматҳои дар соҳаи маориф кардаашро бо нишони «Аълочии маориф» қадрдонӣ кардаанд.*

*Алъон Нуринисо Акрамова дар Донишгоҳи соҳибкорӣ ва хизмат ба ҳайси муовини дректор фаъолият дорад.*

*Маҷмӯаи ашъораш бо номи «Ашъори боғ» дар дасти чоп аст.*

## ЁДАТ БА ХАЙР!

Болу парам будӣ, падар,
Тоҷи сарам будӣ, падар,
Кони зарам будӣ, падар,
Ёдат ба хайр! Ёдат ба хайр!

Рӯи туро пазмон шудам,
Бӯи туро пазмон шудам,
Кӯи туро пазмон шудам,
Ёдат ба хайр! Ёдат ба хайр!

Эй раҳнамою раҳкушо,
Эй давлати бемунтаҳо,
Дар синаам дорӣ ту ҷо,
Ёдат ба хайр! Ёдат ба хайр!

Дар кунҷи ғам зиндониям,
Кай пурсӣ аз сарсониям?
Н-ой ту бар меҳмониям,
Ёдат ба хайр! Ёдат ба хайр!

Дарёи ман будӣ, падар,
Саҳрои ман будӣ, падар,
Раҳпои ман будӣ, падар,
Ёдат ба хайр! Ёдат ба хайр!

Бо модарам як ҷо шудӣ,
Аз мо ту бепарво шудӣ,
Танҳо шудӣ, танҳо шудӣ,
Ёдат ба хайр! Ёдат ба хайр!

Нуринисои беқарор,
Хоки ту гирад дар канор,
Гӯяд ба чашми ашкбор:
Ёдат ба хайр! Ёдат ба хайр!

## МОДАР

Модарам баҳри ман ту ғамхорӣ,
Рӯзи сахтии ман ба ман ёрӣ.
Шод бошам, ту ҳам шавӣ хурсанд,
Ту шифои манӣ ба беморӣ.

Аз нигоҳи ту дил шавад равшан,
Ҳастӣ бар ҷисми хастаам ҷавшан.
Шуълаи гарми зиндагӣ ҳастӣ,
Аз кафи ман раҳо макун доман.

Дӯстат дорам, эй паямбари меҳр,
Дӯстат дорам, эй шукуфоӣ!
Дӯстат дорам, эй таронаи бахт,
Ғами манро зи сина биздоӣ.

Орзуям, ки дар барам бошӣ,
Тахти ҳастию афсарам бошӣ.
Чун ҳумо солҳои тӯлонӣ,
Сояафкан ту дар сарам бошӣ.

## ҒАЗАЛҲО

Лаззат афзояд ба дил дидори боғ,
Чашм равшан гардад аз гулзори боғ.
Ин саҳар бо ёди лаъли ҷонфизо,
Нӯш кардам об аз анҳори боғ.
Хонаи дил кардам аз меҳмон тиҳӣ,
То ту ойӣ сӯям аз девори боғ.
Дар хаёли қомати дилҷӯйи ту,
Кардаам оғӯш исфедори боғ.
Чун расидӣ ҳамраҳи боди сабо,
Кард гул сарпанҷаи ҳар хори боғ.
Дӯст медорам туро аз мағзи ҷон,
Эй баҳорофӯши хушпиндори боғ.
Нуринисо месароям баъд аз ин,
Бо наю сози тараб ашъори боғ.

* * *

Дар ёди ту беқарор мондем,
Овораи ҳар диёр мондем.
Аз ханда нашуд мурод ҳосил,
Бо дидаи ашкбор мондем.
Дар ҳасрати рӯи он парирӯй,
Эй вой, чи хорузор мондем.
Афзуд ба сина чун ғами ёр,
Аз дидаи эътибор мондем.

Чун гард ба доманаш нашиштем,
Беҳавсала чун ғубор мондем.
Эй Нуринисо, кунун чӣ нолем,
Бигзашт ваю канор мондем.

* * *

Бинам агар хироми қади дилписанди ту,
Дил мениҳам ба сурату қадди баланди ту.
Дар ёди орази ту бас аз хоб мондаам,
Бар ёд оварам гули рӯи писанди ту.
Эй шаҳсавори бахт, ба сӯям яке нигар,
Бар дида тӯтиё кунам гарди саманди ту.
Дар анҷуман ҳикояти дарди маро шунав,
Сад неш бар дилам расад аз нӯшханди ту.
Заҳр аст бар мазоқи ман шаҳде, ки дар гул аст,
Рафт умри ман ба ҳасрати лаъли чу қанди ту.
Дар мулки сина бе туям Нуре намондааст,
Ин аст ҳоли он ки шуд побанди банди ту.

* * *

Ҳамватан, ид муборак бошад!
Ҷону тан, ид муборак бошад!
Навниҳоли ману гулбоғи умед,
Сарви ман, ид муборак бошад!
Чашмасорию пур аз оби зулол,
Хушсухан, ид муборак бошад!
Вақти хандидану болидани туст,
Ханда зан, ид муборак бошад!
Такягоҳи Нуру уммеди вафо,
Доиман, ид муборак бошад!

* * *

Ба боғи ошиқӣ боре гузар кун,
Ба чашмони пур аз розам назар кун.
Асири қомати зебоям, эй ёр,
Вуҷуди худ барои ман сипар кун.
Набошад равшанӣ дар дида бе ту,
Рухатро дар шаби торам қамар кун.

Ғамат дар синаи ман хона дорад,
Биё, кулли ғамамро мухтасар кун.
Ба ёдат хоб ҳам аз дида гум шуд,
Нигоҳе сӯи ин чашмони тар кун.
Ҷаҳон бе ту дигар маъно надорад,
Бинои ҳастиям зеру забар кун.
Сарат гардам, дилоромам куҷоӣ?
Маро низ гоҳ- гоҳ аз худ хабар кун.
Ба Нур афкан ҳумоосо ту соя,
Маро султони қалби пуршарар кун.

*          *          *

Эй мӯниси ягона, туро ёд мекунам,
Дар олами фасона туро ёд мекунам.
Меҳрат зи сина кам нашавад, дилрабои ман,
Бо меҳри ҷовидона туро ёд мекунам.
Хонам суруди тоза, ё гирам қалам ба каф,
Дар шеъру дар тарона туро ёд мекунам.
Ман ошиқам ба қомати болои дилкашат,
Дар байти ошиқона туро ёд мекунам.
Гар пеши рӯи мардумон аз сидқ дам занам,
Бисёр содиқона туро ёд мекунам.
Ман оҳуи назокатам, сайёди ман туӣ,
Бо нози дилбарона туро ёд мекунам.
Гарчанд меравад ҳама умрам ба коми бод,
Бо қалби пурҷавона туро ёд мекунам.
Ман Нураму зи ҳастии ту дорам ифтихор,
Ҳар лаҳза бе баҳона туро ёд мекунам.

*          *          *

Эй баҳори танҳоӣ омадӣ ба кӯи ман,
Пур кун аз майи шодӣ як раҳе сабӯи ман.
Аз хазони навмедӣ оқибат хазон гаштам,
Тар нашуд димоғи кас ҳеҷ гаҳ зи бӯи ман.
Чашми пур зи ашки ман чашмасори хунин аст,
Гул намекунад дигар боғи орзуи ман.
Хона кардаӣ дар дил, аз манат ҷудоӣ нест,
Эй ғами фузун, боре кун раҳо гулӯи ман.

Навбаҳори умри ман тарки ин макон карда,
Бин, кунун пурожанг аст чеҳраи накӯи ман.
Нуру дарди танҳоӣ, шому ранҷи раҳпоӣ,
Аз туюю зи ёди ту ҳаст гуфтугӯи ман.

* * *

Бо насими тоза меояд баҳор,
Аз дару дарвоза меояд баҳор.
Шохаҳои хор ҳам гул мекунад,
Бо фараҳ, бо ғоза меояд баҳор.
Қалби пурғамро тасалло медиҳад,
Бо ҳаду андоза меояд баҳор.
Бо ҷамоли беқиёси хештан,
Дохили ҳар коза меояд баҳор.
Шукр гӯ, бар рӯзи нав, Нуринисо,
Бо басо овоза меояд баҳор.

* * *

Пазмонаму аз ёри паричеҳра асар нест,
Симои хушаш аз чӣ сабаб пеши назар нест?
Дар синаи ман доғ ниҳоду ба куҷо рафт?
Дилмурдааму рӯи дилам сӯи зафар нест,
Бо ин дили ғамдидаи худ, гӯй чӣ созам?
Ҷуз ёди рухи ёр маро кори дигар нест,
Чашмам ба раҳи омаданаш рехт басе ашк,
Бе рӯи пур аз нури ваям нури басар нест.
Гарчанд ба дил роҳи муросо талабидам,
Эй вой, маро ҳосиле ҷуз дидаи тар нест.
Бе рӯи биҳиштеш дигар хоб надорам,
Майли дили ман ҷониби рухсори қамар нест.
Эй Нуринисо, фасли баҳори дигар омад,
Гул кард басе боғу зи ӯ ҳеҷ хабар нест.

* * *

Бо тараб, бо ноз меояд баҳор,
Бо дафу бо соз меояд баҳор.
Аз қудумаш синаам гул мекунад,
Ваҳ, чи сарафроз меояд баҳор.

Сабзаю гулро ба рӯи роҳи худ,
Карда пойандоз меояд баҳор,
Дил ба сина метапад аз хуррамӣ,
Бо басо эъҷоз меояд баҳор.
Бо гулу себаргаю мурғи чаман,
Дар чаман дамсоз меояд баҳор.
Нуринисо, дар ҷаҳони гирудор,
Бо ҷаҳони роз меояд баҳор.

*         *         *

Эй ёр, зи чашми ту ниҳон аст дили ман,
Озурда зи гулгашти ҷаҳон аст дили ман.
Дар ёди ту бас хуни дилам рафт ба доман,
Рафтӣ зи ману бо ту равон аст дили ман.
Аз панҷаи хунини мани хаста маяндеш,
Дар рӯи кафам дур зи тавон аст дили ман.
Дар дашти дилам лолаи бисёр шукуфтаст,
Аз будани худ сахт ба ҷон аст дили ман.
Ҷуз шеъри ғами ту набиёяд ба забонам,
Бар рӯи раҳи ту нигарон аст дили ман.
Эй Нуринисо, аз дили бечора чӣ пурсӣ?
Дар фасли тараб банди хазон аст дили ман.

## КУҶОСТ?

***Мухаммас бар ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ***

Маҳрами андешаи шабҳои тори ман куҷост?
Гулбуни пурсояи фасли баҳори ман куҷост?
Сӯхтам, оташ гирифтам, дилфигори ман куҷост?
«Рӯзи майдон аст, турки шаҳсавори ман куҷост?
Чашми ҳар кас бар рухи ёрест, ёри ман куҷост?»

Дар хаёли қомати ӯ ногаҳон рафтам зи ҳуш,
Аз ғаму дарди фироқаш гаштаам лолу хамӯш,
Дигарон бо ёри худ дасту ба дасту боданӯш,
«Ошиқон ҳар кас ба рӯйи ёри худ хандону хуш,
Ман чунин ғамгин чароям, ғамгусори ман куҷост?»

Ҳеҷ кас чун ман надорад ғам миёни бонувон,
Аз мани девона бигрезанд аз дашт оҳувон,
Ман надорам баъди ин савдо ғаме аз обу нон,
«То баранд аз ҷилваи хубӣ ҳиҷолат некӯвон,
Ним ҷавлоне зи сарви гулъизори ман куҷост?»

Чанд гардам ман асири ҳалқаи мӯ инчунин,
Чанд гардам бастаи ҳар тори гесу инчунин,
Чанд гардам ташнаи холи бари рӯ инчунин,
«Чанд гардам беқарору сабр ҳар сӯ инчунин,
Он шикебомӯзи ҷони беқарори ман куҷост?»

Мурдам аз ҳасрат, вале дурдонаи ишқам насуфт,
Ман шудам бехобу ӯ дар ёди ман як шаб нахуфт,
Хор афканд дар раҳи ман, хори роҳамро нарӯфт,
«Дод гардамро ғамаш барбоду он бадхӯ нагуфт,
Эй ки умре буд хоки раҳгузори ман, куҷост?»

Қадри ман набвад ба пеши чашми ӯ чун арзане,
Аз барои дона месӯзад саропо хирмане,
Рӯи чун моҳи варо пӯшида дорад домане,
«Нест хуш бар домани покаш ғубори чун мане,
Бедиле, к-аз гиря биншонад ғубори ман, куҷост?»

Нуринисоро набошад бар дари қалбаш раҳе,
Ҳоли дилро аз куҷо донад каси ноогаҳе,
Мову кунҷи бекасиву ёди рухсори маҳе,
«Монд Ҷомӣ дур аз он дар, ваҳ, чӣ хуш бошад гаҳе
Бозпурсад, к-он ғарибу хоксори ман куҷост?»

## ДУБАЙТИҲО

Китоби дарди худ аз сар нависам,
Ба номи шӯхи симинбар нависам.

Зи ҷавру зулми беандозаи ӯ,
Ба хун дар домани маҳшар нависам.

Бичинам хори роҳат дона-дона,
Нависам васфи рӯят ошиқона.
Агар моҳи фалак ҳам доғ дорад,
Ту бедоғӣ, аё моҳи ягона.

Ба ту дар хоб дар гуфтушунудам,
Ғами дил дар хаёли ту фузудам.
Дар ин дунёи пурмакру фиребо,
Ба ёдат занг аз сина зудудам.

Манам мафтуни чашмони сиёҳат,
Хумориям ба ҳар тарзи нигоҳат.
Ба ёдат оқибат болу парам рехт,
Биёву гир маро ҳам дар паноҳат.

Агарчанде ки ман Нури нисоям,
Рабудӣ аз дилам ҷамъи зиёям.
Ало, эй ошиқи ғамдидаи ман,
Ба ёдат бигзарад шому сабоям.

Нагаштӣ такягоҳи дил, ҳабибам,
Набуд васли ту умре дар насибам,
Баҳори ошиқӣ бигзашту афсӯс,
Напурсидӣ зи ман, ёри ғарибам.

Туро чун оби дарё меписандам,
Туро чун хобу руъё меписандам.
Надорам ҷуз ту ёри меҳрубоне,
Туро бо сад таманно меписандам.

Ба ёди оразат дилтанг бошам,
Саропо нағмаю оҳанг бошам.

Зи рангинии ҳусни беназират,
Китоби дилкаши Аржанг бошам.

Буто, сар додаӣ мурғи адоро,
Баҳона мекунӣ то кай ҳаёро?
Ба нози дилрабою хандаи хуш,
Бисӯзонӣ вуҷуди зори моро.

Ба сина захми савдои ту дорам,
Ба дил доғи таманнои ту дорам.
Ман он нахлам, ки бо сад ташнаҷонӣ,
Умеди хоки саҳрои ту дорам.

Майи лаъли лаби нӯши ту хоҳам,
Гул аз боғи баногӯши ту хоҳам.
Дар ин дунёи сар то по firebo
Фақат гармии оғӯши ту хоҳам.

Ту ширинтар зи оби чашмаҳоӣ,
Ба қиммат беҳтар аз кони тилоӣ.
Бипурс аз ҳоли қалби хунчаконам,
Ба кулли дардҳоям ошноӣ.

Ҷаҳони ман пур аз бӯи ту бошад,
Дили ман волаи рӯи ту бошад.
Ки то чинам гули боғи муҳаббат,
Ду чашмони сарам сӯи ту бошад.

Қадат чун ҷилваи ишқу сафо бод,
Лаби лаълат маризонро даво бод.
Суруди дигаре ҳаргиз нахоҳам,
Дилат доим ба комам ҳамнаво бод.

Туӣ сарчашмаи рӯди умедам,
Туӣ пироҳани бахти сафедам.

Биё танҳоии қалбам намо пур,
Ки дар танҳоӣ бас заҳмат кашидам.

Биё, то як нафас ҳамроз гардем,
Ба ҳам дар зиндагӣ дамсоз гардем.
Аниси синаи садпораи ман,
Ба боғи ишқ ҳамовоз гардем.

Кунам ҷони азизамро нисорат,
Кашам дар зиндагӣ ранҷи хуморат.
Ғами сарват, ғами давлат надорам,
Агар ҷоям диҳӣ андар канорат.

Сафои синаи Нуринисоӣ,
Ба ман чун ҷони ширин ошноӣ.
Ба чашмони базебу тарҳи воло,
Гулистони ҳаётамро сафоӣ.

Чу булбул дар баҳорон нағмасозем,
Суруди дилкаши гулҳои бозем.
Диёри ишқ гирад равнақ аз мо,
Ба меҳроби таманно дар намозем.

Ба бӯстони ҳавас то дил бубастем,
Зи доми макри бадаҳдон нарастем.
Набурда соате бе дарди сар умр,
Дили худро ба санги ғам шикастем.

Агарчанде ба худ ғарқам, Худоё,
Асири ҳиллаву зарқам, Худоё.
Дар ин маъво дили бишкаста дорам,
Пур аз ғам пой то фарқам, Худоё.

Дар ин саҳро чу хошоки палаштем,
На ҳамчун лолаи озоди даштем.

Вале бо ин ҳама бечора будан,
Зи роҳи хештан вопас нагаштем.

## ЗАРАФШОНИ ХУРОСОН




*Зарафшони Абдураҳмон (Хуросон) 10 марти соли 1967 дар деҳаи Дараи Калоти ноҳияи Ҳамадонӣ дида ба олам кушодааст.*

*Ӯ маълумоти миёнаро дар мактаби рақами 34-и ба номи Камолиддин Беҳзоди зодгоҳаш гирифтааст.*

*Шавқи донишҷӯӣ ӯро ба даргоҳи Университети давлатии Тоҷикистон овардааст. Шуъбаи танқиди адабии факултаи филологияи тоҷикро бо баҳои аъло хатм намудааст.*

*Зиндагӣ ӯро водор намуд, ки барои маълумоти дуюм ба Донишгоҳи техники Тоҷикистон, ба номи Муҳаммад Осимӣ шомил шавад.*

*Аз соли 1996 то имрӯз ба сифати нозири корхонаи саноатӣ ва ғайрисаноатии шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе фаъолияти касбӣ мебарад.*

*Аз хурдӣ ба шеър меҳр меварзад ва шеърҳояш борҳо дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» ва маҷаллаи «Машъал» нашр шудаанд. Ин силсила аз дафтари ба табънарасидаи ашъори ӯст.*

## ПАДАРАМ

Падарам, ҷону ҷаҳонам падарам,
Падарам, зӯру тавонам падарам.
Ба куҷо дидӣ ятими хушбахт?
Падарам, бахти ҷавонам, падарам.

Зи паси марги ту хорӣ дидам,
Ҳарфи бад аз дигарон бишнидам.
Гунаҳи бегунаҳам борам шуд,
Аз худу зиндагиям ранҷидам.

Ту куҷоӣ, ки сарам сила кунӣ,
Қуввату пушту паноҳам, падарам.
Гирӣ оғӯшаму бӯсӣ бо меҳр,
Падарам, тоҷи сарам, болу парам.

Ҷои ту дар дили ман холӣ монд,
Ҳавасат дар дили ман нашкаста.
Падарам, дарди ятимӣ зӯр аст,
Ман чӣ созам ба дили бишкаста?

## НАЁБӢ

Ба шабеҳи офтобӣ, ба сарам чу моҳтобӣ,
Ба баҳори синаи ман, ту чу тобиши саробӣ.
Зи ҷаҳони ошиқиҳо чӣ ҷавон гузаштам охир,
Ки ҳазор соли дигар чу манат дигар наёбӣ!

Ту маҷӯ дигар нишонам, ки ҳамеша масти хобӣ,
Чу нишони бенишонам, ту маро чаро бикобӣ?
Ба забони шеър гуфтам ғазали ҷудоиямро,
Ки ҳазор соли дигар чу манат дигар наёбӣ!

Ту маё ба хонаи ман, ки зи худ фирор кардам,
Ба ҷароҳатам мазан даст, ки дилам фигор кардам,
Аҷабо, ки дер кардӣ, чу ситорае бирафтам,
Ки ҳазор соли дигар чу манат дигар наёбӣ!

## МОДАР

Модар, ғами ту сархати ғамҳои ман аст,

Ин кулбаи ту ҷаҳони паҳнои ман аст.
Он чӯби аловковаки чагдонат,
Лавҳу қаламу забони гӯёи ман аст.

## ҶАВОН ХОҲӢ МОНД

Модар, ту барои ман ҷавон хоҳӣ монд,
Монанди фаришта ҷовидон хоҳӣ монд.
Ман ҳайкали ту ба қалб мебигзорам,
Чун олиҳаи давру замон хоҳӣ монд.

## ДАР ЁДИ МОДАРАМ

Ҳастам зи саҳар ба ёди рӯят, оча,
Дар кӯчаи дил ба ёди бӯят, оча.
Бо кӣ биравам, дарди ҷудоӣ гӯям,
Ку лаҳни хушу ҳусни накӯят, оча?
Аз рафтани ту гузашт бас соли дароз,
Ҳастам ба хумори рӯю мӯят, оча.
Дар ёди ту бар хонаи хоҳар биравам,
Рӯзам гузарад ба ҷустуҷӯят, оча.
Дар пуштаки хона менишастӣ ба умед,
К-ояд писарат шод ба сӯят, оча.
Хоҳам, ки равам сари мазорат ба алам,
Пазмон шудаам ман ба руфӯят, оча.
Бар содагиву ба хориҳоят гирям,
Ман хоки раҳу фидои кӯят, оча.

## ВАТАН

Ҳамватан, ҳамватан,
Шуҳрату шони ман.
Ҳамватан, ҳамватан,
Ҷисми ман, ҷони ман!

Ифтихори ман аст,
Гар Бадахшони ман.
Нангу номуси ман,
Суғду Хатлони ман.

Бо туям, эй Ватан,
Ҳамдилу ҳамбадан.
Парфишон пачамат,
Мазраат чун чаман.

Кишвари кӯҳсор,
Кишвари номдор.
Бахту иқболи ту
То абад пойдор!

Сарвари оқилам,
Сарвари одилам,
Кору пайкори ту
Ҳалли ҳар мушкилам.

Зинда бош, эй Ватан!
Тахти Сомони ман!
Модари ҷони ман,
Тоҷикистони ман!

## ҒАЗАЛ

Ҷону танам фидои ту, ман чӣ кунам, биёӣ ту?
Мурдаам аз барои ту, ман чӣ кунам, биёӣ ту?
Дар раҳи ишқ ҳар қадам сӯхтан асту сохтан,
Беғаму н-ошноӣ ту, ман чӣ кунам, биёӣ ту?
Рӯйи туро надида сер, ташнаи зиндагониям,
Ҷон ба танам адои ту, ман чӣ кунам, биёӣ ту?
Оҳани холиям махон, одамаму обу гилам,
Ин дили ман фидои ту, ман чӣ кунам, биёӣ ту?
Аз дили ман хабар бигир, то ки натаркад аз алам,

Эй ба дилам шуои ту, ман чӣ кунам, биёӣ ту?
Моҳи Хуросонияму сояи ҳур дар замин,
Мерасадам садои ту, ман чӣ кунам, биёӣ ту?

## ВАТАН АСТ

Ба лабам номи ту, ҷоно, Ватан аст,
Чӣ аҷаб, гулшани зебо Ватан аст.
Зиллату хории ту бигзашта,
Гавҳари тоҷи муҷалло Ватан аст.
Гар ҷаҳон ҷабру ҷафоҳо дорад,
Ҳадафи нангу муросо Ватан аст.
Душманаш хору залил бод мудом,
Ахтари олами дилҳо Ватан аст!

## САДОЯМ НАШУНИДӢ

Ман номи туро садо бикардам, нашунидӣ,
Дар ҳаҷри ту нолаҳо бикардам, нашунидӣ.
Дар кунҷаки кулбаам бихӯрдам ғами дурет,
Сад нола ба сад наво бикардам, нашунидӣ.
Овора дилам, ба сони гаҳвора дилам,
Ҳар лаҳза туро садо бикардам, нашунидӣ.
Аз дарди худу ҷаҳони танҳоии худ,
Бас гиряву нолаҳо бикардам, нашунидӣ.
Чун пояи гандуми дарунаш холӣ,
Сархам ба ғамат вафо бикардам, нашунидӣ.
Доғи дили ман кам нашавад соату соле,
Бо шеъри дилам нидо бикардам, нашунидӣ.

## ОСОРИ ТУ БОШАМ

Эй кош, ки манзумаву осори ту бошам,
Байту ғазали ишқу шарарбори ту бошам.
Дар мадрасаи васли ту гирам сабақи нав,
Ширинтарин оёти гуҳарбори ту бошам.

Чандон ки ба гӯши ту суруданд тарона,
Шаҳбайти ғазалҳои шакарбори ту бошам.
Гӯям ҳама ҷо қиссаи шабҳои висолат,
Эй кош, ки сарномаи ашъори ту бошам.
Дар базми ту хуршед рухашро нанамояд,
Чун бода ба паймонаи саршори ту бошам.
Хоҳам, ки дар ин хонаи торик чу шамъе
Побанди туву лаззати дидори ту бошам.
Раҳме бинамо, дар ғами ишқи ту асирам,
Ҷон бахшамату ҳамдаму дилдори ту бошам.

## ВИДОЪ

Дар пойи дил завлонаҳо аз остонат меравам,
Чун бахт, чун мурғи ҳумо аз ошёнат меравам.
Дар лобалои зиндагӣ кай сар ниҳам дар пойи ту?
Хуш бош бо ёри нават, аз тан чу ҷонат меравам.
Дар қисмати танҳоиям, шеъри тари савдоиям,
Эй ҳамсафар, бе ҳамсафар рози ниҳонат меравам.
Банде ба гардан бори ишқ, бо синаи афгори ишқ,
Бишкаста сози дилбарӣ, аз хонумонат меравам.
Ай ҷони ширин, борҳо додам туро озорҳо,
Ноошнои ошно, ман аз баёнат меравам.
Хоки биёбонам кунун, рӯ карда сӯи офтоб,
Чун оҳ андар лаҳзае ман аз забонат меравам.
Тақдири мо андар замин қисмат нашуд бо ҳамдигар,
Хуш бошу бо дигар нишин, ман аз ҷаҳонат меравам.

## ВИСОЛ

Шоми ишқи мо басе зебо гузашт,
Хандаи гул, домани саҳро гузашт.
Ташналаб андар хаёли зиндагӣ
Лаззати дидору он шабҳо гузашт.
Баъд аз инам бӯсаборонам макун,
Вақти ҷому соғару саҳбо гузашт.

Навҷавонӣ бо ҳама шӯру шарар
Аз барам, ай ёри бепарво, гузашт.
Сар ба сар паймонаҳо бишкастаанд,
Аз сари мо низ бас савдо гузашт.
Дар хазони боғи ҷонам омадӣ,
Рав, ки ашки дидаам раҳпо гузашт!

## ГУЗАШТ

Имшабам бо ёди ту танҳо гузашт,
Войи дил, боз аз раҳи савдо гузашт.
Умри ширинам ба талхӣ аз сарам
Дар хаёли ёри бепарво гузашт.
Дар ҳавои ишқи ту девонаам,
Дар дили ман ёди он лабҳо гузашт.
Дӯст медорам туро, эй бевафо,
Аз лабонам ҳарфи «ё Раб»-ҳо гузашт.
Гулфишонам бо ҳама озори ту,
Гулфишон кай бе ҳазорово гузашт?
Ай Азизи Миср, қурбонат шавам,
Бин, чӣ бе ту аз сарам ин ҷо гузашт?
Хешро дар ҷодаҳо гум кардаам,
То Бухоро Зарфишониҳо гузашт.
Ту туро дарёфтам дар зиндагӣ,
Аз сари сахтам басе дарё гузашт.

## ХУШ ОМАДӢ!

Сари шаб то ба саҳар биншинам,
Суратат пеши назар мебинам.
Дили ман майли висолат дорад,
Ишқи ту гашт кунун ойинам.

Зи куҷо омадӣ бар дили ман?
Ба сафо омадӣ бар дили ман.

Ману ту шефтаи тақдирем,
Ману ту ҳамчу шакар дар ширем.
Ману ту аҳли қалам, аҳли алам,
Қасди худро зи қазо мегирем.

Зи куҷо омадӣ бар дили ман?
Ба сафо омадӣ бар дили ман.

Чун Зулайхо ба раҳи омаданат,
Чун гадоёни ҷаҳон хоҳам шуд.
Хуб донӣ, ки дар ин дуроҳа
Ман зи васли ту ҷавон хоҳам шуд.

Зи куҷо омадӣ бар дили ман?
Ба сафо омадӣ бар дили ман.

Ту дар ин даҳр ба коми дигарӣ,
Зи сари нав агар эҳё гардем.
Бигирам дасти туву домани ту,
Ки ба ҳам боби таманно гардем.

Зи куҷо омадӣ бар дили ман?
Ба сафо омадӣ бар дили ман.

## ДУ ДИЛ

Дили ту пайраҳаи танҳоӣ,
Дили ман роҳ ба руъё дорад.
Дили ту сарду хамӯш аст, вале
Дили ман шӯру навоҳо дорад.

Дар лаби баҳри бузурги дили ман,
Мавҷҳо бӯса занад соҳилро.
Шӯри тӯфон ҳама ишқи ману туст,
Ки ба туғён бикашонад дилрою

Дили ту пайраҳаи танҳоист,
Меравам з-ону кунад дилгирам.
Магар аз санг садо меояд?
Зи ғами хотираҳо мемирам.

Бе ту дасти дили ман кӯтоҳ аст,
Эй, ки бар дарди дилам Синоӣ.
Ту биё, зиндагиам ишқи ту аст,
Бахудо, мурдаам аз танҳоӣ.

Нарав, аз баҳри Худо, беҳузурат
Дилу рӯҳу баданам сард шуда.
Эй нафасҳои ту пайғоми баҳор,
Бе ту гулбоғи дилам зард шуда!

## ТАЗЗОД

Дар набарди зиндагонӣ хор хокистар шавад,
Об аз маҷро бимонад, шуъла бе ахгар шавад.
Войи он қавме, ки нодонро ситоиш мекунад,
Войи он доно, ғуломи як-ду-се тан хар шавад.
Бори дунё мекашад оқил ба дӯши хештан,
Гар бубинад ҷоҳилеро, бор сангинтар шавад.
Андар ин даҳри фурӯмоя накӯ санҷидаам,
Раҳнамо аз по чу афтад, аблаҳе раҳбар шавад.
Даҳри бадандеш афтонад азизонро ба хок,
Ҳар зани бад дар нигоҳи нокасон ахтар шавад.
Гар яке як умр бар мардум мурувват мекунад,
Аз хиёнат дигаре номовару сарвар шавад.
Аз Худо хоҳам, Зарафшон, кори ин дунёи дун
Аз муҳаббат, аз садоқат сар ба сар дигар шавад.

## КАРДАМ, НАШУД

Аз қазо рӯзе туро аз худ ҷудо кардам, нашуд,
Ман лаҷоми ишқро аз каф раҳо кардам, нашуд.

Рӯй бинмудам ба сабру нолаҳо дарҳам задам,
Сарҳисоби ишқро аз нав хато кардам, нашуд.
Тӯшаи умрам фақат то нимароҳӣ мерасад,
Маргро бо зиндагонӣ ошно кардам, нашуд.
Мову ту дар зиндагонӣ қадри ҳам нашнохтем,
Меҳрро бар сӯйи худ чанде садо кардам, нашуд.
Сарҳади ишқи ману ту сарҳади дилҳои мост,
Пораи хоки Хуросонро ҷудо кардам, нашуд.
Зарфишонам, зар бирезам бар сару бар доманат,
Дарди танҳоии дилро бас даво кардам, нашуд.

## МУНДАРИЧА

Пешгуфтор........................................................... **3**
Султонмуроди Одина.............................................. **5**
Исмоил Зарифӣ....................................................**15**
Диловари Мирзо ..................................................**25**
Равшани Ҳамроҳ .................................................**35**
Иброҳими Наққош................................................**45**
Нуринисо Акрамова.............................................**55**
Зарафшони Хуросон ............................................**63**

**АЗ ҲАФТ ДАФТАР**

**Мураттиб *Иброҳими Наққош***
**Муҳаррир *Равшани Ҳамроҳ***

Ба матбаа супурда шуд. Ба чоп имзо шуд.
Андозаи 60Х84 1/16. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ.
Адади нашр 300. Супориши №. Нархи шартномавӣ.